НАШРИЁТИ «АДИБ»



Г У Л Н А З А Р

# ЛОИҚЕ
# Ч У Н
# ЛОИҚЕ

Душанбе
«Адиб»
2013

ББК 84 Тоҷик 7-4-5
Г-27

Муҳаррир *Фарҳоди Карим*

Г-27 **Гулназар. Лоиқе чун Лоиқе** *(нашри сеюм)*. –
– Душанбе, «Адиб», 2013, 104 саҳ.

Ин рисола илмӣ ва ё тадқиқотӣ нест. Балки назари як эҷодкор ба эҷодиёти шоири тавонои тоҷик Лоиқ Шералист. Асар бо истифода аз хотироту ёддоштҳо шавқовар ва ҷолиб таълиф гардидааст. Умед аст, ки ҳам ба х онанда дар шинохти сухани Лоиқ ва ҳам ба қаламкашони ҷавон е, ки нав ба роҳи адабиёт қадам мениҳад, манфиатовар хоҳад буд.

ISBN 978-99947-2-303-4

© Нашриёти «Адиб», 2013

# БАҶОИ САРСУХАН

*Донӣ араќи нуќта ба рӯи сухан аз чист?*
*Бисёр ба дунболи суханфаҳм давидаст.*
*Калими Кошонӣ*

Тирамоҳи соли 1965. Офтоб ғуруб мекард ва ҳавои ҳавлии бинои таълимии мо, ки дар муқобили дарвозаи шарқии бозори Шоҳмансур ҷогир буд, аз бӯи биҳӣ, себ, нок ва накҳати шаробии ангури пухта саршор буд.

Мо, гурӯҳе аз донишҷӯён, беқаророна роҳ мепоидем, ҳар каси қоматбаланду чорпаҳлӯеро аз дур медидем, мегуфтем: «Омаданд!»

Дар факултаи таъриху филологияи Университети давлатии Тоҷикистон маҳфили адабии «Адибони ҷавон» амал мекард. Роҳбари маҳфил «домулло Муродӣ» буданд. Мо он касро ҳамин тавр ном мебурдем. Зеро аз мо ба маротиб калонсол ва иштирокдори Ҷанги бузурги Ватанӣ буданд. Домулло ҳар моҳ ба Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон мерафтанд, лангон-лангон мерафтанд, як пойи чӯбини ва знини худро базӯр бардошта мерафтанд, то адиби баркамоли кордидаеро ба маҳфил даъват кунанд, навиштаҳои шогирдонаи аъзои маҳфилро ҳамроҳ баррасӣ кунанд, бурду бохт, ҳусну қубҳи кори онҳоро нишон диҳанд. Бояд гуфт, ки маҳфили «Адибони ҷавон» дар парвариши як зумра қаламкашони номии ҷумҳурӣ саҳми арзанда гузоштааст. Ҳар сол, 20-уми сентябр, дар донишгоҳ «Рӯзи назм» баргузор мегардид, ки ба он профессор, шодравон Во Асрорӣ роҳбарӣ мекард. Дар ин рӯз адибони навкору кӯҳнакор дар Университет ҷамъ меомаданд ва дарҳузури садҳо нафар ошиқони каломи мавзун шеърхонӣ мекарданд. Дар ин рӯз тамоми рӯзномаҳои ҷумҳурӣ саҳифаҳои худро ба эҷодиёти ҷавонон мебахшиданд.

Дар ёд дорам, мо дар инҳифил достони «Кӯчабоғи ошиқон»-и Аминҷон Шукӯҳӣ, силсилаи шеърҳои Мӯъмин Қаноат, Убайд Раҷаб, Файзулло Ансорӣ, Ғаффор Мирзо, қиссаву ҳикояҳои Фотеҳ Ниёзӣ, Ҷалол Икромӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев ва дигаронро хондаем ва баррасӣ кардаем.

Устодони мо ба суханони шогирдони худ гӯш медоданд, ба эродҳо ҷавоб мегуфтанд, танқиди дурустро қабул мекарданд.

Меҳмони навбатии мо устод Боқӣ Раҳимзода буд ва мо дар як ғуруби тирамоҳон роҳи ӯро мепоидем. Ниҳоят мошини «Волга» дар даҳани дарвозаи ҳавлӣ қарор гирифту аз он устод Боқӣ Раҳимзода ва Убайд Раҷаб берун омаданд. Ҳама, гӯё аз рӯи як фармон, ба пешвоз шитофтем. Устод Боқӣ бо табассуми малеҳи ҳамешагӣ бо ҳар кадоми мо даст дода, аҳволпурсӣ кард. «Ҳа, шербаччаҳои адабиёт!» – ба ҳар донишҷӯ хитоб мекард устод.

Ҳамагон ба толор баромадем. Аввалин сухане, ки устод гуфт, ин буд:

– Ҷӯраҳо, узр! Каме дер кардем. Имрӯз дар Иттиҳодияи нависандагон воқеаи таърихие рух дод. Мо Лоиқи азизро ба узвияти Иттиҳодия пазируфтем.

Толорро беихтиёр садои кафкӯбӣ фаро гирифт. Оре, Лоиқ ба узвият пазируфта шудааст!

Он шабу рӯз дар муҳити ҷавонон, бавижа дар ҳалқаи навқаламон, се тан шӯҳрату овозаи тамом доштанд: Лоиқ Шералӣ, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ҳабибулло Файзулло.

Ҳар гоҳ шеъре аз Ёдгорӣ чоп мешуд, дӯстони ман мегуфтанд: «Ана, Ёдгорӣ аз ҳама гузашт!» Аммо баъди чанд рӯз шеъри нави Лоиқро хонда мегуфтанд: «Не, Лоиқ пеш гузашт!»

Боре дар моҳномаи «Садои Шарқ» шеъри Лоиқ дар бораи ҳаёти донишҷӯӣ ба табъ расид, ки бо чунин мисраъҳо шурӯъ мегардид:

*Доништалабам, не каси нодор, на доро,*
*Танҳо пайи мақсуд ба уммед равонам.*
*Аз он чӣ муяссар шуда аз давлати дунё,*
*Дар даст маро ҳаст фақат як чамадонам.*
*Таҳсил ба донишкада хуб аст, гуворост,*
*Ёрон ба дили ҳамдигарӣ ғам нагузоранд.*
*Ин ҷо на касе ҳорису не дар ғами дунёст,*
*Ишқ аст, ҷавонист, к-азизаш бишуморанд.*

Мо, ки бо шеърҳои васфии умумӣ аз ҳаёти донишҷӯён одат карда будем, бавижа суруди машҳури устод Боқӣ «Офарин барғайрати овозадорат, студент!», аз тозагӣ ва мушаххасии мушоҳидаҳои Лоиқ ҳайратзада будем ва ҳамагон ин шеърро азёд медонистем. Баъдтар дар ин мавзӯъ Гулрухсори ҳанӯз ҷавон шеъри хубе навишт, ки чунин мисраъҳои олиҷаноб дошт:

*Чӣ ҳаётест, ки дар як хона*
*Фарқ не байни туву бегона.*

Ва тамом. Дар ин мавзӯъ шеъри арзандаи ди гаре ба миён наомад.

Ҳамин тавр, Лоиқ аз шеър ба шеър, гӯё аз диле ба диле мерафт ва доираи мухлисонаш густурдатар мегардид. Аз ҳамин рӯ, чун хабари ба узвият пазируфта шуданашро шуниданд, ҳамаро шодиву мусаррати аҷибе фаро гирифт.

Устод Боқӣ гуфт:

– Мувофиқи қоидаҳои қабул ҳар адиби ҷавон бояд соҳиби як-ду асари чопшуда бошад. Лоиқ дар маҷлиси қабул шеъри «Ба модарам»-ро хонд ваҳама ӯро якдилона ба узвият пазируфтанд. Устод Мирзо Турсунзода ӯро ба оғӯш гирифта бӯсид.

Ба ростӣ, ин воқеаи фавқулодда моҳҳои дароз нуқли маҷлису сӯҳбатҳои мо буд. Баъд аз ин, агар хабари чоп шу-

дани ин ё он шеъри Лоиқ ба гӯш мерасид, ҳамагон ба ҷустуҷӯй меафтоданд, агар ба даст меомад, дар хобгоҳҳо, синфхонаҳо, кӯчаву паскӯчаҳо дар сари он баҳсу мунозираҳо мекарданд.

Шояд ғалат кунам, ба гумони ман адибе мисли Лоиқ **ба ин шиддат** ба адабиёт наомадааст, **ба ин шиддат** ташаккулу такомул наёфтааст ва **ба ин шиддат** мақоми аввали худро дар адабиёт ҳифз накардааст.

Лоиқ ба адабиёт чӣ овард? Ӯ аз устодону ҳамқаламони ҳамсоли худ бо чӣ вижагиҳое фарқ мекунад? Чаро шеъри ӯ вирди забони ҳамагон аст? Оё ҳама кори Лоиқ шоистаи таҳсин ва пайравист?

Ин саволҳоест, ки бояд ба сари ҳар як алоқаманди адабиёт ояд.

Дар бораи эҷодияти Лоиқ бисёр навиштаанду гуфтаанд. Ман аксари онҳоро хондаам. Аммо ҳар чӣ дар ин навиштаҳо мехонед, бардошти бевоситаи худи ман аст. Боре, дар суҳбате, Лоиқ ба ман гуфт: «Ту аз ман баромадаӣ».

Бешак, на танҳо ман, балки ҳама он шоирони ҷавоне, ки баъди Лоиқ ба адабиёт омадаанд, аз шеъри Лоиқ шеъргӯиро омӯхтаанд. Ё аз ӯ тарзи омӯзиш ва баҳраҷӯиро ёд гирифтаанд.

Ман борҳо пиромуни эҷодиёти Лоиқ гуфтаву навиштаам. Ҳар чизе, ки дар сурудаҳои ӯ бароям хушоянд нест, номбар кардаам. Аммо ин амали маро на бояд он тавре қабул кард, ки гӯё пироҳани худро бо пироҳани Лоиқ дар як офтоб хушк кардан мехоҳам. Он қадар аз пасу пеш ғурунгиданд, ки дар як рубоие гуфтам:

*Эй булҳавасон! Ба гарди ошиқ нарасед,*
*Содиқ, ки наед, аз раҳи содиқ нарасед.*
*Мо даъвии ҳамсарӣ накардему вале,*
*Билло, ки шумо ба пойи Лоиқ нарасед!*

Дар мақолае навишта будам, ки «ман ба эҷодиёти Лоиқ, чун **ба як адабиёт** муносибат мекунам». Бурду бохти Лоиқ бурду бохти адабиёт астӯхтавани омтанқидии навиштаҳои ӯ ба рушду камоли наҷибтару шоистатари шеъри тоҷик мусоидат хоҳад кард.

Муҳаббати худро ба Лоиқ ва заҳматҳои шаборӯзии ӯ беҳтар аз ин наметавонам ифода кард, ки дарқитъае ова р-даам:

*Ишқро ошиқ кунед,*
*То сӯзи ошиқро бидонад,*
*Шеърро шоир кунед,*
*То дарди Лоиқро бидонад.*

Дар гулчини ашъори ман, ки бо номи «Забони ошиқӣ» аз тариқи интишороти «Сурӯш» (Теҳрон, 1378) ба форсӣ ба табъ расидааст, виростор аз инқатъияти ман ба дуд илагӣ роҳ дода, ибораи «то ки шояд»-ро илова фармудааст. Яъне, «то ки шояд сӯзи ошиқро бид онад» ва «то ки шояд дарди Лоиқро бидонад» омадааст.

Аммо, ба қавли Хоҷа Насриддин, «гапи мард якто!»

Дар кори Лоиқ **шояд** нест.

# ЛОИҚ ВА ШЕЪРИ НАВ

Як шаби зебои донишҷӯӣ дар хобгоҳи кӯчаи Айнӣ ҷамъ будем. Аз дар Нозир Боҳирӣ даромад. Чеҳраи барафрӯхта дошт. Нишасту рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон»-ро кушод. Нозирҷон, ки он замон аз шоирони ҷавони болаёқат буд, дар арафаи хатми донишгоҳ қарор дошт ва бо ин рӯзномаи писандидаи ҷавонон ҳамкорӣ мекард. Вай ба тозагӣ аз нав батдорӣ баргашта буд ва шумораи нави рӯзномаро аз чопхона бо худ оварда буд.

– Хонед, – бо тантана эълон кард. – Шеърҳои шоири эронӣ Нодири Нодирпур!

Ҳама якбора ба сари рӯзнома рехтем. Воқеан он солҳо бо хати сирилик дарёфт кардан ва хондани ашъори шоирони навҷӯи эронӣ кори осон набуд. Агар хато накунам, ин аз аввалин шиносоии ақли завқи мо бо сурудаҳои Нодирпур буд. Шеърҳо аз ҷониби як нафар донишҷӯ, ки чанд сол дар Эрон миёни мутахассисини шӯравӣ ва эрониён тарҷумонӣ мекард – Маҳмадкул Ҳазраткулов таҳия шуда буд. Ин ҷавон баъдан ба омӯзиши сӯфия машғул гардид ва яке аз донишмандони ин соҳааст.

Нафаре рӯзномаро ба даст гирифту баланд хонд:

*Чӣ мегӯед?*
*Куҷо шаҳд аст ин обе, ки дар ҳар донаи*
*ширини ангур аст?*
*Куҷо шаҳд аст, ин ашк аст,*
*Ашки боғбони пири ранҷур аст,*
*Ки шабҳо роҳ паймуда,*
*Ҳама шаб то саҳар бедор буда,*
*Токҳоро об дода,*
*Пуштро чун ҷуфтаҳои мӯ дуто карда,*

*Дили ҳар зарраро аз ашки чашмон нур бахшида,*
*Тани ҳар хӯшаро бо хуни дил шодоб парварда.*
*Чӣ мегӯед?*
*Куҷо шаҳд аст ин обе, ки дар ҳар донаи*
*ширини ангур аст?*
*Куҷо шаҳд аст, ин хун аст, хуни боғбони*
*пири ранҷур аст?*

Ҳама карахт шудем, аз ин оҳанг, аз ин силсиладории мисраъҳо, аз ин тундии эҳсос, аз ин озодии фикр, аз ин мушаххасии ҷузъҳо ва лаҳзаҳо. Чунин шеърро то ба ҳол нахонда будем, нашунида будем.

Вақте ки «ровӣ» ба поёни шеър расид ва ин мисраъҳоро такрор кард, мо деру тӯлонӣ ба худ наомадем:

*Маро ҳар лафз фарёдест,*
*к-аз дил мекашам берун,*
*Маро ҳар шеър дарёест,*
*Дарёест лабрез аз шароби хун,*
*Куҷо шаҳд аст ин ашке,*
*ки дар ҳар донаи лафз аст?*
*Чунин осон маяфшорад бар ҳар дона лабҳорову*
*бар ҳар хӯша дандонро,*
*Маро ин косаи хун аст,*
*Маро ин соғари ашк аст,*
*Чунин осон магиредаш,*
*Чунин осон манӯшедаш!*

Дар адабиёти пасазинқилобии тоҷик шеърҳои зинадор (пилаконӣ) кам нестанд. Дар эҷодиёти устодон Айнию Лоҳутӣ, махсусан дар сурудаҳои Пайрав Сулаймонӣ, шикастани мисраъҳо, истифодаи рукнҳои комилу ноқис бисёр дучор меоянд. Аммо онҳоро гиреду бо ҳамин сурудаи Нодирпур, ки «Шеъри ангур» ном дорад, муқоиса кунед. Ба

осонӣ пай мебаред, ки корбурди мисраъҳои дарозу кӯтоҳ ҳанӯз зоҳири кор аст.

Ба чанд мисраъи шикастаи шеъри «Корвон»-и Пайрав таваҷҷӯҳ фармоед:

*Гурум... Гурум... Гурум...*
*Ин корвони оташбор*
*Ба пеш медаваду*
*Пеш меравад ҳамвор.*
*Тапар... Тапар... Тапар...*
*Ин чархҳои фӯлодӣ*
*Ба гардишанд*
*Ба болои релсҳои қатор...*

Дар он шаби пурҳаяҷон, ки мо бори аввал бо шеъри нави воқеӣ рӯ ба рӯ меомадем, шоирони навҷӯе, чун Ғаффор Мирзо, Мӯъмин Қаноат, Қутбӣ ва Мастони ҳанӯз ҷавон доштем ва онҳо бо тамоми нирӯ шеъри карахти моро ба таҳрик овардан мехостанд. Мақолаҳои пурдарди Ғаффор Мирзоро ба ёд оред.

Вай ба тозагӣ Курсҳои олии адабиёти Институти адабии ба номи Горкийи шаҳри Маскавро хатм карда буд ва бо тозакориҳои назми русу ҷаҳон ошноӣ дошт. Чун ба Тоҷикистон баргашт ва муҳити карахти шеъри тоҷикиро дид, ба фиғон омад, барои зинда кардани шеър шиор ба миён партофт. Аммо, азбаски шеърҳаш заминаҳои заъифи миллӣ доштанд ва забонаш забони ом буд, комёбии дилхоҳ ба даст наовард. Лекин барои шоирони оянда раҳ кушод.

Бояд зикр кард, ки чунин ҷасоратро дар охири солҳои сиюм ҳанӯз Ҳабиб Юсуфии ҷавон оғоз карда буд. Мутаассифона, ҷанги Ватанӣ сар шуду ниятҳои ӯ ҷомаи амал напӯшиданд ва ҳамраҳаш дар майдони муҳориба шаҳид гардиданд. Кӣ медонад, агар ӯ қурбони ҷанг намешуд, шояд эҳёи адабиёти мо вақттар фаро мерасид. Бубинед, дар

мақолаи «Барои поэзияи муносиби давр» (соли 1940) бо чӣ ҷасорате менависад: «Ман ҳам эътироф мекунам, ки ифодаи «рангини» хушкухолӣ ва аз мафҳуми (фаҳмиши – Г.) омма дур, инчунин тақлидҳои бемаънӣ дар як қатор порчаҳои ман ҳам, ки онҳоро ҳоло шеър номидан душвор ва нодуруст аст, бисёр дида мешавад. Фақат ҳамин ҳам аз ҳақиқат дур нест, ки дар асарҳои ҳар шахсе, ки нав ба эҷодкорӣ қадам мемонад, будани ин гуна ҳодисаҳо бисёр ҳам ғайритабиӣ нест. Аммо солҳои дароз ба нуқсонҳои худ пай набурда, аз як қолиб набаромадан ва тақлидчигию куҳанпарастиро давом дода омадан, албатта, ба кори эҷодӣ бо назари паст нигоҳ карда хонандаи худро ҳурмат нанамудан аст!»

Аммо чун шеъри Нодирпур ҳанӯз шеър надоштем. Боре, агар хато накунам – дар ҳудуди солҳои 1964 -65 – овоза паҳн гардид, ки устод Турсунзода барои чопи як силсила шеърҳои Лоиқ, ки ба сабки нав навишта шудааст, иҷоза додаанд. Ва он шеърро дар моҳномаи «Садои Шарқ» ба табъ расиданд! Тасаввур кунед, ки ӣ воқеае рӯй дод: Гӯё варғе канда шуду дарё ба озодӣ баромад! Гӯё равзанае кушода гардиду ҳавои муаттари баҳорӣ ба хонаи торику намкашида раҳ ёфт!

Акнун шеърҳое дар ихтиёри мо буданд, ки аз лиҳози зарбу оҳанг, кашишдории мисраъҳо, зебоии ифода, тундии эҳсос, тозагии афкор аз шеъри Нодирпур монданӣ надоштанд:

*Туро ман ёфтам аз ошёни сарбаландиҳо,*
*Маро хушбахт кун, эй гул!*
*Ба даври домани гулдӯзият номи маро ҳам дӯз,*
*Ба даври гардани худ ҳалқаи дасти маро овез,*
*Ба боли абрӯят як умр биншон обрӯямро.*

**«Маро хушбахт кун, эй гул!»**

*Равед, эй хотироту ёдҳо, кобус бардоред,*
*Диламро пора нанмоед, бигзоред дил бандам,*
*Ки тифли орзуям ман!*
*Маро дигар наёзоред,*
*Атои ҷустуҷӯям ман!*

**«Муҳаббати аввал»**

*Фурӯ резед ахтарҳои хомӯши дурахшанда,*
*Даруни қошуқи[1] дастам,*
*Ки ман дасти тиҳӣ ҳастам!*

**«Биҳишти гумшуда»**

Гумон намекунам, ки имрӯз, баъди гузаштани тақрибан чиҳил сол, ин шеърҳо ба хонандагон оддӣ намоянд. Яқини ман ин аст, ки шеърҳои Лоиқ дар ҳамон айём дар адабиёти мо ҳамто надоштанд, имрӯз ҳам ҳамто надоранд.

Баъд аз ин саҳифаҳои рӯзномаву моҳномаҳо аз «шеъри озод» пур шуд. Он солҳо ду тан шоири ҷавон буданд, ки то андозае дар сурудани шеъри нав пешқадам доштанд – Ҳабибулло Файзулло ва Баҳром Фирӯз. Он солҳо Бозор Собир ҳанӯз овозу овоза надошт ва баъди бозгашт аз Афғонистон, ки он ҷо тарҷумонӣ мекард, гоҳ-гоҳ шеърҳои қолабӣ мегуфт.

Шоир ва муҳаққиқи эронӣ Алиризо Қазва дар пешгуфтори баёзи шеъри тоҷикон «Хуршедҳои гумшуда» (интишороти «Ҳавзаи ҳунарӣ», Теҳрон, 1376) менависад:

«Чанд сол пеш бо Бозор Собир мусоҳибае доштам. Дар ин мусоҳиба Бозор Собир худро нахустин сароянда шеъри нави тоҷик медонист. Аммо мӯътақид буд, ки аз Нимо илҳом гирифтааст».

Аз Нимо илҳом гирифтани Бозорро ба худи ӯ ҳавола мекунем. Зеро шеъри Нимо ҳам дар он замон, ҳам дар ин рӯз дар Тоҷикистон машҳур набуду нест. Шеъри нав ба

[1] Баъдан Лоиқ калимаи «қошуқ»-ро ба «чумча» иваз кард.

Тоҷикистон даставвал тавассути шеъри Нодирпур, баъдан бо шеъри Фурӯғи Фаррухзод (ба гумони ман Нодирпур суханвартар аст, Фурӯғ шоиртар) омаду истиқлол пайдо кард.

Худро сарояндаи нахустин шеъри нав ном бурдани Бозор саҳеҳ нест.Албатта, ӯ бо ҳунари воло ва табъи салими шоириаш дар густариши шеъри нав хидмат шоиста кард, аммо **сарояндаи нахустин нест**.

Барои исботи ин нукта метавонед ба маърӯзаву гузоришҳои пленум ва анҷуманҳои нависандагон, ки байни солҳои 1963-1965-1968 барпо гардидаанд, рӯҷӯъ кунед. Хоҳед дарёфт, ки он солҳо дар бораи Бозор Собир, чун шоири ҷавони тозагӯ, ҳанӯз сухане нагуфтаанд.

Алиризо Қазва дар ҳамон пешгуфтораш менависад: «Аммо каме баъд... дар муқаддимаи китоби «Шеъри ғарқи хун»-и Бозор Собир (навиштаи Раҳими Қубодиёнӣ – **Г**.) хондам, ки Мӯъмин Қаноат нахустин шоири шеъри нав дар Тоҷикистон аст!»

Бешубҳа, хидмати Мӯъмин Қаноат дар поягузорӣ ва барқарории шеъри нав бузург аст. Аммо ӯро наметавон нахустин сарояндаи шеъри нав номид. Шоироне чун Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Мӯъмин Қаноат, Мастон Шералӣ, Қутбӣ Киром ва дигарон дар ин роҳ ҷустуҷӯҳои судманде кардаанд, аммо дар гуфтани шеъри нав чун Лоиқ **риндона** аз худ бадар нарафтаанд.

Дар як сӯҳбати хусусӣ устод Мӯъмин Қаноат ба ман гуфт: «Мо дар гуфтани шеъри нав ҷасорати зиёде нишон надодем. Метарсидем, ки мардум шеъри моро намефаҳманд ва қабул намекунанд».

Воқеан дар эҷодиёти ҳаминдавраинаи шоирони баноми мо дар пояи шеърҳои нави Лоиқ шеъреро наметавон пайдо кард. Шеърҳои бисёр зебои Мӯъмин Қаноат «Гули бодом», «Марав, қуи сафеди ман», «Ману шабҳои бехобӣ», баъдтар, соли 1966, эҷод гардидаанд.

Дар охири солҳои 60 -ум дар Душанбе Кунгураи шеъри

нави форсизабонон баргузор гардид, ки дар он Нодирпур ҳам иштирок дошт. Олимон, адибон, муҳаққиқони Тоҷикистону Афғонистон, Эрону Покистон тайи чанд рӯз кӯшиданд баҳси доманадори ҷаҳонии «шеъри нав чист?»-ро ҳаллу фасл кунанд. Дар ҳамон Кунгура Нодирпур гуфта буд, ки мавзӯи нав шеъри навро ба миён нам еорад. Масалан, ба кайҳон сафар кардани инсон воқеаи бакуллӣ нав аст. Аммо касе дар ин мавзӯъ шеъри наве гуфта натав о-нист. Шеъри нав аз диди нав, нафаси нав, эҳсоси нав, иф о-даи нав таркиб меёбад.

Дар ҳамон рӯзҳо, ки ба қавли дуктур Хонларӣ «ҷавонони тоҷик Нодирпурро чун сабӯ дӯш ба дӯш мебу р-данд», бо иштироки ин шоири барӯманд дар Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон маҳфили шеър баргузор га р-дид. Лоиқ дар он базм аз дубайтиҳои худ намунаҳо хонд.

Шодравон Ҳабибулло Файзулло ба ман гуфт:

– Дидӣ, Лоиқ ҷасорат накард, ки аз шеърҳои наваш х о-над!

Шояд... Шояд онвақт Лоиқ ҳанӯз аз таҷрибаҳои муваффақонааш он қадар бовар надошт ва натавонист дар ҳузури яке аз парчамбардорони шеъри нави форсӣ «шеъри нав» хонад.

Аммо... Аммо дар «шеъри нав»-аш, ки ба ӯ Мӯъмин Қаноат бахшидааст, чунин гуфтааст:

*Ман ба ин раҳ меравам пуршӯртар, меравам*
*бар дуртар, бар дутар,*
*Шеъри мо ҳар қадр лангардору шевотар шавад,*
*Захмҳои пушти Айнӣ он қадар ёбад шифо,*
*Чашмҳои Рӯдакӣ он қадр бинотар шавад.*

Воқеан Лоиқ дар ин раҳ (яъне, шеъри нав) пуршӯртар рафт, бар дуртар рафт...

# ЛОИҚ ВА ИШҚ

Солҳои донишҷӯии мо, ба ғайр аз он ки дар ҳар донишгоҳ маҳфили баэътибори адабӣ фаъолият мекард, дар ҳузури ин ё он нашрия низ ҷамъомаду сӯҳбатҳои суд-манд пиромуни эҷоду эҷодкор ба вуқӯъ мепайваст.

Боре ба наздам Абдуфаттоҳ Кулолӣ омад, ки дар курси болоӣ мехонд ва бо шӯхиву масхарабозиаш машҳур буд. Касе гуфтору кирдори ӯро ҷиддӣ намегирифт. Аммо бо ман дӯстии ҳақиқӣ дошт. Ман, ки аз ӯ ду сол поин мехон-дам ва дар роҳи адабиёт қадамҳои аввалини худро мегу-зоштам, ба чунин дӯсти нозукфаҳму нозукадо ва бо муҳити адабӣ шинос эҳтиёҷи дардманде доштам. Воқеан вай аз шоирони ҷавони ҳунарманде буд ва хеле афсӯс, ки ба Хуҷанд кӯч басту ба «ботлоқи зиндагӣ» фурӯ рафт. Дар ёд дорам, устод Мӯъмин Қаноат, ки он солҳо котиби масъули моҳномаи «Садои Шарқ» буд, силсилаи «Модарнома»-и Кулолиро чоп кард ва ин силсила тӯли умр бештаринҳост.

Чанд сол пеш Кулолӣ ба наздам, ба Душанбе омад ва хоҳиш кард, ки дар чопи маҷмӯаи шеърҳояш кӯмак расо-нам. Китобаш бо номи «Гули гил» чоп шуд...

Хулоса, Кулолӣ ба ман гуфт:

– Бегоҳӣ дар идораи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» бо иштироки Аминҷон Шукӯҳӣ маҳфил баргузор мегардад. Меравем.

Сӯҳбат бо Аминҷон Шукӯҳӣ бисёр самимӣ буд. Дар он замон ӯ аз машҳуртарин шоирони ишқсарои мо ба ҳисоб мерафт. Аз саҳар то шом ҳофизон сурудҳои ӯро замзама мекарданд, ошиқон шеърҳои ӯро ба маъшуқаҳои худ ба тақдим меоварданд. Дар яке аз маҳфилҳои «Адибони ҷавон»-и мо, ки Аминҷон Шукӯҳӣ он ҷо ҳузур дошт, ҳамин

Кулолӣ гуфта буд: «Шеърҳои Шумо гимни ошиқон аст!»

Ҳангоми сӯҳбат ҷавоне аз Аминҷон Шукӯҳӣ пурсид:

– Силсилаи «Оила ва муҳаббат»-и худро дар кадом ҳолат эҷод кардаед?

Кулолӣ бо ман бехгӯшӣ кард:

– Ин бача Лоиқ аст!

Ман Лоиқро ҳамон вақт бори аввал дидам ва ӯ донишҷӯи Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе буд.

Аминҷон Шукӯҳӣ қисса кард, ки ин силсиларо дар Маскав, ҳангоми таҳсил дар мактаби кормандони бехатарии давлатӣ навиштааст. Баъд ба унвони рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» барои чоп фиристодааст. Аммо бо баҳонаи он ки одоби коммунистӣ нодуруст тасвир ёфтааст, силсиларо чоп накардаанд.

– Хулоса, баъди бозгашт ба Душанбе силсиларо чоп кардам, – бо табассум гуфт Шукӯҳӣ.

– Эҳҳа! – гуфт Лоиқ бо шавқ. – Агар чунин силсиларо чоп накарда бошанд, пас мо чи хел шеърҳои худро чоп шуда бинем?

– Ҳеҷ гап не, – гуфт Шукӯҳӣ. – Асари хуб бошад, ягон рӯз чоп мешавад.

Ман ҳоло он сӯҳбатро ба ёд меорам ва ба худ мегӯям: «Оё ҳамон замон аз сари Шукӯҳию Лоиқ хаёле мегузашт, ки фардо яке ҷои дигареро дар ишқсароӣ хоҳад гирифт?»

Имрӯз ҳофизони мо аз саҳар то шом сурудаҳои Лоиқро тараннум мекунанд, байтҳои Лоиқ номаҳои ошиқонро оро медиҳад, ҷавонон бо шеъри Лоиқ ишқварзӣ мекунанд.

Чаро ҷавонони имрӯзӣ чунин мисраъҳои Шукӯҳӣ: «Ту гул не, ҷони ман, ҳаргиз ту гул не», «Гули садбарги сурх еро харида, ба вақти ваъдагӣ сӯят давида», «Маро танҳо ту бинмудӣ фаромӯш», «Агар ман лола будам, дар баногӯши ту мебудам», «Шунидам ин ки ту рашкидӣ аз ман», «Мӯи тиллорангу чашмони кабуд» ва ғайраҳоро такрор намекунанд? Шояд замон дигар шудааст ва ҳиссос тафовут дорад?

Ё ҳар замон шеъри худро меофарад ва ба қаламкаши гузашта эҳтиёҷ нест? Ё ба қавли Мавлоно Ҷомӣ: «Аз дил биравад, ҳар он чӣ аз дида бирафт»?!

Устод Боқӣ Раҳимзода қисса мекард, ки солҳои сиюму чилум мардум бар ивази маҷмӯаи шеърҳои Лоҳутӣ гӯсфанд медоданд! Пас чаро чунин иштиёқу муҳаббат баъдан костааст?

Адабиёт муаммоҳои ҳайратовар дорад. Мегӯянд, ки дар замони барҳаёт будани Пушкин шоироне будаанд, ки дар байни халоиқ бамаротиб шӯҳрат ва маҳбубият доштаанд. Аммо ҳама фаромӯш шудаанд ва Пушкин зиндаи ҷовидон аст!

Назму насри пасазинқилобии мо ба кӯдаке шабоҳат дошт, ки даставвал помониро омӯхт, ба наврасиву ҷавонӣ расид, рӯ ба балоғат овард. Мурури ин марҳилаҳо дар ҳаёти эҷодии ҳар эҷодкор табиист. Аммо сухани мо аз адабиёт аст, адабиёте, ки аз гузашта, аз ҳамсафону ҳамзабонон ҷудо афтодааст ва бояд роҳи худро аз нав пайдо мекард.

Барои ҳамин бидуни тардид метавон гуфт, ки ишқияҳои Лоиқ нисбат ба ишқияҳои Шукӯҳӣ сифатан наванд ва ба ниёзҳои хонандае, ки аз адабиёти ҳамзабонон бохабар аст, ҷавоб гуфта метавонад.

Баъди он ки соли 1372 ҳиҷрӣ аз тариқи интишороти байналмилалии «Алҳудо» дар Теҳрон гулчини ашъори Лоиқ ба табъ расид, аз ҷавонзане эронӣ бо номи Нодираи Бадеӣ мактубе расид, ки ман онро дар шумораи 40-41-и соли 1994-и ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» чоп кардам. Вай аз ҷумла менависад:

«Хондам шеърҳоро, шӯрҳоро, сармастиҳову бодапарастиҳо, хайёмиҳоро... хондам, то аз даруни шеър, ки ойинаи рӯҳи тоҷикон аст, равони худро бо нозукиҳо, латофатҳо ва нармии тоҷиквори онон пайванд занам». Инро хонандае навиштааст, ки бо шӯру қиёми шеъри Фурӯғ, бо тасвиркориҳои Нодирпур, бо рангомезиву ҳисомезиҳои

Сӯҳроби Сипеҳрӣ, бо оҳанги пуршукӯҳи дарунии шеъри Ахавони Солис, бо «акробатика» (ҳалқабозӣ)-и сухани Аҳмади Шомлу шинос аст. Ва чӣ ҷои хонандаи мо, ки ба ҷуз шеъри мо фаротар нарафтааст. Албатта, ӯ баробари рӯ ба рӯ шудан бо «шӯрҳо, сармастиҳо, бодапарастиҳо, хайёмиҳо»-и Лоиқ худро бакуллӣ дар ҷаҳони дигари шеърӣ пайдо кард, аз рангҳо, бӯҳо, тобишҳо, оҳангҳо, маъниҳо, шӯру қиёмҳои шоиронаи ӯ ба маротиб ба ҳаяҷон омад, аз якнавохтӣ, карахтӣ, берӯҳии шеъри тоҷик худро берун кашид. Аз ҳамин рӯ, китобҳои Лоиқ бо теъдоди зиёд интишор меёфтанд, [illegible]ҳои шеъраш ҳамеша пуриздиҳом мегузашт.

Ҳоло, ки сухан аз ошиқонаҳои Лоиқ меравад, пеш аз ҳама, онро бояд зикр кунам, ки оҳанги шеъри ӯ, тундии эҳсоси ӯ бо ҷӯшу хурӯши ҳаёти ҷавонӣ мувофиқ омад. Ошиқонаҳои хеле ками Ғаффор Мирзо ва ё Мӯъмин Қаноатро наметавон бо ошиқонаҳои Лоиқ баробар кард. Шеърҳои лирикии устодон Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзодаро агар ба ҷӯи ороме шабоҳат диҳем, лирикаи Лоиқ ба дарёи пурғалаён ва ошӯбгар монанд аст.

Ман ҳамеша бар он меандешидам, ки чаро адабиёти пасазинқилобии тоҷик аз бӯса шарм медошт, шояд одоби коммунистии мо ба ин иҷоза намедод? Рӯдакӣ, устоди адабиёти мо, гуфтааст:

*Кори бӯса чу об хӯрдани шӯр,*
*Бихӯрӣ беш, ташнатар гардӣ.*

Халқ дар байте сурудааст:

*Аз ағба фуромадам ба бӯи гули газ,*
*Як бӯсаи ваъдагет ҳафт пуштама бас!*

Ҳам Рӯдакӣ, ҳам халқ аз гуфтани «бӯса» шарм накардаанд.

Машҳуртарин ишқсарои мо Аминҷон Шукӯҳӣ шаби ошиқиро ин тавр тасвир мекунад:

*Ҳамон тавр аз даруни оби ҷӯбор*
*Намоён аст акси он ситора,*
*Ки онро ту ба ман бинишаста ҳар бор*
*Чу рамзи ишқ мекардӣ ишора.*
*Ба ёдат ҳаст оё, як шаб ин ҷо*
*Чиҳо гуфтем мо ҳар ду нишаста?*
*Ба рӯям мезадӣ ҳар гоҳ, ҷоно,*
*Ба шӯхӣ шохи райҳонро шикаста.*

Аммо Лоиқ дар чунин шабҳо ошиқеро ба тасвир мегирад, ки дар лаби ҷӯй қарор надорад ва ҳаммиқдори ҷӯй (чун дар шеъри Шукӯҳӣ) ҳам нест. Ошиқ соҳиби дили дарёст ва бо шӯру қиёми дарёӣ сарукор дорад:

*Ту бошию ҷавониву муҳаббат,*
*Дили ташна, хумори ношикаста.*
*Ту бошиву лаби рӯду лаби ту,*
*Ману ту – мавҷҳои ҳалқабаста.*

* * *

*Баста буданд чашмҳои туро*
*Бӯсаҳои чу мӯҳри давлати дил.*

* * *

*Хоҳамат лаҳзае, ки ёд орад*
*Нашъаи бӯсаҳои аввалро.*

* * *

*Ошиқиву ташначашмӣ тавъаманд,*
*Ишқ гар розист, монад беасар.*
*Пас маро дар соҳили дарёи дил*
*Ташнатар кун, ташнатар кун, ташнатар!*

Ёдовар шудани ман аз «бӯса» танҳо ба хотири бӯса нест. Балки барои он аст, ки Лоиқ чӣ гуна эҳсоси худро тунду бепарда мегӯяд, ҳамчунон ки дунёи ҷавонӣ тақозо дорад. Лаҳзаҳои ошиқонаи зер, ки Лоиқ бо ҷасорат офаридааст, дар шеъри устодону ҳамсолони ӯ ҳамто надорад:

*Хоҳам, ки ба каф гираму тифлона бибӯям*
*Чун кокули ту кокули ин шаршараҳоро.*

* * *

*Ларз-ларзон бо ҳама розу ниёз*
*Гӯш бинҳам бар тапишҳои дилат,*
*То ба савдои дили девонаам*
*Номҳо ҷӯям зи дунёи дилат.*

* * *

*Баъд донистам, ки оби рафта рафт,*
*Хонуми зебои атласпираҳан.*
*Меравам дар ҳасрати рӯят зи даҳр,*
*Чун ғарибе дар ғами хоки Ватан.*

* * *

*Замоне ошиқат будам,*
*Ҳамин давлат маро кофист!*

* * *

*Ҳар гаҳе сӯи ман оӣ, бинам:*
*Дили ошуфтаи ман меояд.*
*Ҳар гаҳе сӯи ман оӣ, гӯям:*
*Шеъри ногуфтаи ман меояд.*

* * *

*Ту бояд мешудӣ ҳамхонаи ман,*
*Зи хотир бори хотир мегирифтӣ.*
*Ба он ҳусну ба он эҳсоси лабрез*
*Ту бояд ёри шоир мегирифтӣ.*

Касе, ки каму беш бо сухан сарукор дорад, медонад, ки Лоиқ то ба кадом андоза суханвар аст. Аммо ин суханварӣ ба Шукӯҳӣ кам насиб кардааст ва забони шеъраш шоирона нест. Бо вуҷуди ин шеъри Шукӯҳӣ андешаву танзу киноятҳои аҷибе дорад, ки ташаккулу рангу бори тозаи онҳоро дар сурудаҳои Лоиқ пайдо карда метавонем.

Шукӯҳӣ гуфтааст:

*Зи рӯи барги гулҳо қатра-қатра ғун кунам шабнам,*
*Агар меҳмони ман гардӣ, ба он то дасту рӯ шӯӣ.*

* * *

*Барои тозагии шеър шоир*
*Барад номи хушатро истифода.*

* * *

*Куҷо охир барам ман арзи шабҳои фироқамро,*
*Ки бар дилдодагон ғайр аз дили ҷонон вазорат нест.*

Агар ин ҷо аз шодравон Шукӯҳӣ мисол меорам, танҳо ба хотири он аст, ки ӯ аз тавонотарин лирики то даврони зуҳури Лоиқ аст. Лоиқ аз ошиқонаҳои ӯ шурӯъ кард ва аз лиҳози тасвиру ифода ва мушаххасии лаҳзаву ҳолатҳо ба қуллаҳои баландтар расид.. Албатта, ба Лоиқ тарҷума кардани «Савтҳои форсӣ»-и Сергей Есенин мактаби бузурги эҷодӣ гардид. Дар бисёр ошиқонаҳои Лоиқ таъсири бевоситаи шоири ишқсарои рус, бавижа шӯру қиём, бепардагӣ, ҷунун, сармастии ӯро дарк мекунем.

Аз Лоиқ:

*Ба он дасте, ки даври гардани ту ҳалқа хоҳад шуд,*
*Саломе гӯй аз ошиқ,*
*Саломе гӯй аз Лоиқ!*

Аз Есенин:

*Ҳамон ки ёд меорад шуморо,*
*Ҳаводори шумо – Сергей Есенин.*

Аз Лоиқ:

*Ман чӣ дорам? Як дили рамзошно!*
*Буду нобудам ҳамин як дил бас аст.*
*Ҳар ками ӯро чу меҳри модарон*
*Ишқи ту гар мекунад комил, бас аст!*

Аз Есенин:

*Банда ҳам омӯхта паймону вафо,*
*Баҳри ту танҳо зи сӯзи шоирӣ*
*Месурудам аз нишеби роҳҳо*
*В-аз гузашта рӯзгори бесарӣ.*

Аз Лоиқ:

*Шоириву ошиқӣ девонагист,*
*Эй дили шӯридаам, шӯрида бош!*

Аз Есенин:

*Бар сари мо фитод дар дунё,*
*Нобарорӣ, барору хурсандӣ.*
*Бош хомӯш, эй дили сода!*

Ин ҷо танҳо қаробати мазмунро ба эътибор гирифтан кам аст, рӯҳи шеър муҳимтар аст.

Лоиқ он мушаххасотеро, ки ҳангоми эҷоди шеъри «Ба модарам» истифода кард ва басаропойи қаҳрамони лирикиаш пироҳани хосаи миллӣ пӯшонд, дар шеърҳои ошиқиаш ба кор бурд ва миллияти сурудҳои худро ба амаротиб афзуд.

Ба ин мисолҳо таваҷҷӯҳ фармоед:

*Зи пушти курсӣ аз устод пинҳон*
*Қатори кокулашро мешумурдам.*

* * *

*Бишмурда кокули туро омӯхтам ҳисоб.*

* * *

*Ба гардан мӯҳраи мору ба сар рӯмоли шоҳӣ дошт.*

* * *

*Туро, эй бозубанди зарнигори зиндагониам...*

* * *

*Он хафабанду он сари сина.*

* * *

*Ба сарат тоҷи арӯсӣ шаби тӯй...*

* * *

*Дарамро кӯфтӣ бо панҷаи нарму ҳинобаста.*

Мӯҳраи мор, рӯмоли шоҳӣ, бозубанди зарнигор, хафабанд, тоҷи арӯсӣ, панҷаи ҳинобаста ва ғайраҳо аз ин пеш дар шеъри мо истифодаи чашмрас надоштанд. Кокулонро шумурда ҳисоб омӯхтан бисёр шоирона ва тоҷиконааст.

Дар шеърҳои ибтидоии Мӯъмин Қаноат ҳам ҷо-ҷо чунин таҷрибаҳо ба назар мерасанд:

*Духтари тоҷик он шаб сурмаи тар мекашид.*

* * *

*Ҷомаи беқасаб ба бар дорад,*
*Локии шоҳ(ӣ)*[1] *дар камар дорад.*

Аммо дар эҷодиёти Лоиқ истифодаи унсурҳои миллии зиндагии тоҷикон густурдатар, самимитар, шоиронатар ва ошиқонатар аст.

Ба гумони ман, ҳаёти эҷодии Лоиқро метавон ба ду давра тақсим кард: **даврaи аввал**, даврае, ки Лоиқ шоир аст, то суханвар ва ин марҳиларо метавон то чиҳилсолагии ӯ таъриф кард; **даврaи дувум**, даврае, ки Лоиқ суханвар аст, то шоир ва ин марҳила аз чиҳилсолагӣ то ба имрӯз идома дорад. Ин ҳолат аз ин сабаб ба миён омадааст, ки Лоиқ табиатан шоири **тасвиркор** нест, аммо **маънисози тавоност**. Маънисозӣ суханвариро тақозо мекунад. Аз он шеърҳое, ки Лоиқ дар марҳилаи аввал навиштааст, бисёр хушам меояд, онҳо шоирона ва риндонаанд ва аз рангу бори косибӣ орӣ ҳастанд.

Аз соли 1975 дар саҳифаҳои моҳномаи «Садои Шарқ» дар атрофи шеъри тоҷик бо номи «Шеър ва зиндагӣ" баҳси доманадоре созмон ёфта буд. Ман, ки дар он айём дар Афғонистон маъмурият доштам, бо мақолаи «Замини барӯманди шеър» дар ин мубоҳиса иштирок кардам. Ҳамон вақт, зимни таҳлили эҷодиёти Лоиқ, навишта будам, ки ҳоло ӯ (яъне, Лоиқ) ба марҳилае расидааст, ки метавонад аз ҳар чиз шеъре созад. Ва гуфтаи Александр Блокро шоҳид оварда будам. Азӯ пурсиданд, ки чаро чизе наменависӣ? Дар ҷавоб гуфтааст: метарсам, зеро аз ҳар чиз шеър сохта метавонам!

Дар ҳаққи Лоиқ чунин навиштанам аз он ҷиҳат буд, ки

---

[1] Дар ин матн ҷо-ҷо (ӣ) дар қавсайн омадааст ва муаллиф бар он аст, ки сароянда баҷои и-и кӯтоҳ ӣ-и дарозро истифода кардааст ва ин аз назари вазни арӯз ғалат аст. Аммо дар шеъри классикии мо низ баъзан чунин ҳолатҳо вомехӯранд ва бузургони мо онро ғалат нашумурдаанд ва ё **сактаи малеҳаш** ном бурдаанд.

мабодо ин шоири бар ӯманди мо ба косибӣ гирифтор шавад!

Ба пораҳои зер, ки аз ошиқонаҳои Лоиқ иқтибос шудаанд, тавач҇ч҇ӯҳ кунед, агар дар онҳо асари суханварии ӯ камтар аст, аммо чӣ шоиронаанд:

*Пилтаҳои сафеди кокулҳот*
*Резиши обшорро монад.*

* * *

*Ёд орам зи чашми бодомат,*
*Накҳати навбаҳор меояд,*
*Ёд орам чу хандаҳоятро,*
*Қаҳ-қаҳи обшор меояд.*

* * *

*Ман акнун рангҳои тавъами рангинкамонро*
*Зи борони сиришки хеш меёбам.*

* * *

*Намехоҳам, ки дар хушкӣ шавӣ ғарқ...*

* * *

*Марҳабо, мӯи маҳинбофта, мижгони баланд,*
*Марҳабо, ду бари рухсораи нобӯсида!*

* * *

*Бо садои қарс-қарси панҷаҳои нозукаш*
*Ҷони ман ҳам аз сари ангушт мерафт.*

* * *

*Гар дар назарат, ёр, манам донаи гӯгирд,*
*Шояд, ки шавам машъала баҳри каси раҳгум.*
*Дар қадр манам пораи ангишт, умедам:*
*Оташ шаваму гарм кунам хонаи мардум.*

Бовар кунед, ки чунин ташбеҳҳо, истиораҳо, тасвирҳо,

ҳолатҳо ва маъниҳоро пеш аз ин дар шеъри дигарон кам андар кам пайдо мекардем.

Ибораҳоеро, ки дар зер мехонед, шоирони мо фаромўш карда буданд, Лоиқ ба ёд овард, дар шеъраш зинда кард ва баъд дар шеъри ҳамсолону ҳамроҳон борҳо такрор шуд ва то имрўз такрор мешавад ва ҳатто намедонем, ки онҳоро аввалин бор Лоиқ истифода кардааст: Сари сабз, гулбарг-борони баҳор, гулбод, гулханда, дили ташна, хумори но-шикаста, олами дилбохта, забони безабонӣ, ҳусни сабз, арўси чилкокул, пилтаи абрў, гесуи афшон, шафақи рухсор, хобҳои мастӣ, субҳи навоғоз, чордевори сукут, норизоии тақдир, дили дарё, марги марг, ҷунуни дарё ва садҳо ва ҳазорҳо калимаҳои соддаву мураккаби дигар.

Боре шодравон Ўрахон Зеҳнӣ бахшида ба эҷодиёти Лоиқ мақолае овард. Тақрибан соли 1968 буд ва ман дар рўзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» кор мекардам. Муал-лиф дар мақола ҷо-ҷо Лоиқро сарзаниш мекард, ки вазнро риоя намекунад, калимаҳоро ноҷо истифода мекунад ва ғайраҳо.

Як байти Лоиқ, ки дар ёдам буд, ба устод Зеҳнӣ хондам:

*Рухсораат чу зарварақ рахшону зарфишон,*
*Пешонаат чу коғази афшон ситорарез.*

Ва гуфтам: «Мисраи аввалаш фаҳмост. Аммо дар мисраи дуввум пешонаро коғази афшон ва ситорарез гуфтан чӣ маъно дорад?»

Устод Зеҳнӣ, ки аслан шеъри нав ва гўяндагони онро дўст намедошт, бағайри чашмдошт дар ҷавоб гуфт: «Дар қадим ҳамин хел коғази зарандуд мавҷуд буд ва ин ташбеҳи Лоиқ дуруст аст».

Ҳоло, ки дар ихтиёри мо Фарҳанги дуҷилдаи забони тоҷикӣ, даҳҳо луғатҳои тафсириву нимтафсирист, дарёфти чунин ибораву калимаву ташбеҳу истиораҳо кори мушкил

нест. Аммо дар он замон ба ҷустуҷӯ ва омӯзиши ҷиддӣ лозим буд, то шеъраш аз шеъри дигарон имтиёз пайдо кунад.

Дар ибтидо ӯ низ чун ҳамқаламони кордидаву навкори худ эҷод мекард, шеъраш аз ибораву ташбеҳу истиораҳои обшуста орӣ набуд:

*Омадӣ! Сохтаи дастам агар мебуд* ***моҳ,***
*Ман варо сохтаме* ***тукмаи пироҳани*** *ту!*

* * *

*Гӯиё* ***меҳр*** *зи афлок биёмад ба барам,*
*Дур наздику ба каф хоки сиёҳам зар шуд.*

* * *

*Дурахши чеҳраву* ***мӯи сияҳ, чашмони бодомӣ,***
*Ҳама хоҳанд шуд радду бадал монанди шому рӯз.*

Аммо чӣ хуб, ки зуд пайроҳаи мушкили эҷодии худро ҷӯёву пӯё шуд ва худро дарёфт.

Дар адабиёти навини мо гӯяндае чун Лоиқ ошиқонаҳои зиёде насурудааст. Аз шеъри озод гирифта, то чаҳорпораҳо, ғазалҳо, рубоиву дубайтиҳои Лоиқ ҳама лабрези ишқанд. Дар баробари нам унаҳои беҳтарини ошиқонаҳо такрори ҳолату замон, ибораву ташбеҳу истиораҳо, мазмуну мундариҷа ва ғайраҳо низ вомехӯранд, ки шеъри ӯро якнавохт ва то андозае хастакунанда ҷилва медиҳанд:

*Ту ногаҳ омадӣ дар олами ман*
*Зи роҳи содагиҳои ҷавонӣ.*

* * *

*Ту зи кайҳони орзуҳоям,*
*Омадӣ парзанон ба манзили ман.*

* * *

*Мерасӣ аз дур мисли дастаи нур,*
*Дар нафасҳоят ҳама шӯри муҳаббат.*

* * *

*Аз куҷо омадӣ, эй чашмаи нур?*
*Аз куҷо омадӣ, эй махзани шеър?*

Ва дар ин намунаҳо:

*Байни кӯҳу дараҳо чун биравӣ сайри баҳор,*
*Гули бодом бубиниву маро ёд кунӣ.*

* * *

*Ҳар гаҳ аз хеш пушаймон гардӣ,*
*Аз ғинои дили ман ёд кунӣ.*

* * *

*Маро рӯзе, ки хушканд обшорон, ёд хоҳӣ кард.*

* * *

*Дар он соат,*
*Ки оби рӯдҳои тирамаҳ беҳолу бетуғён*
*Зи соҳилҳо фурӯ шинад,*
*Ба ҳасрат ёд кун аз ман.*

Ва ҳамин тавр метавон аз рӯи мавзӯъҳо ва ҳолатҳо шеърҳои зиёдеро пайи ҳам овард, ки ҳамоҳангу якнавохтанд.

Кӯтоҳии дигаре, ки дар ишқонаҳои Лоиқ мушоҳида мешавад, ҳарфӣ будани қисме аз онҳост. Яъне, ҳолат аз аввал то ба охир нақл карда мешавад ва шеър аз лиҳози пироишу ороиш камбағал аст. Муште аз хирвор:

*Ту барои дили ман тозаву тар,*
*Ту барои дили ман зебо бош.*
*То даме ошиқи яктои туам,*
*Ту барои дили ман якто бош.*

*Ту маро бош баҳори пургул,*
*Тирамоҳ аз раҳи худ меояд.*
*Соате чашм ба роҳам бинишин,*
*Ки аҷал роҳи маро мепояд.*

*Ту марав аз сари ман, то сари ман*
*Нашавад сар ба сари хоки лаҳад.*
*Ту бимон бо ману бо ман гул кун,*
*То гулафшон бишавад рӯи раҳат...*

Ҳамчунон ки мебинед, ин ҷо ҳолати мушаххас ҳаст, рӯҳия ҳаст, аммо шоирона ифода нагардидааст. Албатта, зеҳни хонандагони мо ба чунин шеърҳои (ба қавли эрониҳо) ҳарфӣ одат кардааст ва ин эроди ман барои онҳо хушоянд нахоҳад буд. Аммо шоири оянда бояд аз комёбиҳои ошиқонаи Лоиқ шурӯъ кунад, на аз камбудҳояш. Ҳатто, агар шоир гуфта бошад ҳам:

*Ӯ зи ман бигзашт, то ёбад беҳ аз ман ошиқе,*
*Ӯ маро рад кард, то ёбад беҳ аз ман мушфиқе.*
*Лек медонам, ки ӯ ҳаргиз намеёбад дигар*
*Лоиқе чун Лоиқе...*

# ЛОИҚ ВА ҒАЗАЛ

То Лоиқ ҳам ғазал мегуфтанд. Аммо аксаран дар ин қолаби қадимӣ ғазали қолабӣ мегуфтанд ва ё шиорҳои умумӣ мезаданд. Албатта, аз миёни сурудаҳои устодон Айнӣ, Лоҳутӣ, Пайрав, Юсуфӣ, Турсунзода намунаҳои беҳтаринро метавон пайдо кард. Аммо чун фазои умумии шеър гирифта ва ғашовар буд, ғазал ҳам дар ҳамон поя суруда мешуд. Вақте ки Лоиқ ба ғазалсароӣ сар кард, назм болу пари худ афшонда буд, дар худ нирӯи тоза эҳсос мекард, майли парвозҳои дуродурро дошт. Ҳар тозагие, ки ба шеър ворид шуд, Лоиқ дар тоза кардани фазои ғазал ба кор бурд.

Аввалин асари ғазалмонанди Лоиқ «Худафрӯзӣ» ном дошт, ки дар маҷмӯаи «Сари сабз» низ омадааст:

*Ту нахле ҳам агар бошӣ, зарурат гар бифармояд,*
*Сари сабзат бисӯзон, гармӣ овар, шӯълаафшон шав.*
*Миёни неку бад, таҳқиру иззат, поку олуда,*
*Гаҳе тобуткаш бошу гаҳе гаҳвораҷунбон шав.*
*Хурӯшат ку? Талошат ку? Чароӣ худ асири худ?*
*Бурун о мисли шеър аз дил, забони безабонон шав.*

Агар ин шеъри шогирдонаро ба ғазалҳои Раҳимӣ, Аминзода, Фарҳат, Шукӯҳӣ, Ансорӣ ва дигар ҳамқаламон ба муқоиса гирем, то кадом андоза тару тоза будани сурудаи Лоиқро дарк мекунем. Пайдо шудани ин «ғазалвора» мӯҷиби ба вуҷуд омадани тазминҳои зиёде гардид. Ман ҳам ғазалаке гуфта будам, ки чунин сатрҳо дошт:

*Ту агар моҳе набошӣ, ҳолаи маҳтоб бош,*
*Дар раҳи фардои қисмат кӯл не, гирдоб бош.*

Аммо кори ҷиддии Лоиқ дар ин роҳ баъди дар моҳномаи «Садои Шарқ» ба табъ расидани чанд ғазалаш шурӯъ шуд. Он ғазалҳо то имрӯз вирди забонҳоянд:

*Ҷонам чӣ хоҳад аз рӯзгорон?*
*Навбатгузорӣ бо ҳақгузорон.*
*Бо сӯзи пинҳон ёд оварам ман*
*Аз ишқи ёрон дар рӯзи борон.*
*Бо худ ситезам, бехуд ситезам,*
*Коре надорам бо кинадорон.*

* * *

*Мо солхӯрда ҳастем ё сол хӯрда моро?*
*Мо умр бурда бар сар ё умр бурда моро?*
*Мо ҷонгусор будем бар ҳоҷати замона,*
*Ё азми ҷонсупорӣ осон супурда моро?*
*Роҳи дароз тай шуд дар умри кӯтаҳи мо,*
*Роҳе фусурда кардем ё раҳ фусурда моро?*

Ҳамчунон ки дар боло ишора рафт, дар ибтидои солҳои 70-ум бо ташаббуси маҷаллаи «Садои Шарқ» дар атрофи шеъри тоҷик сӯҳбати ҷиддӣ ва пурмӯҳтавое баргузор гардида буд. Адабиётшинос ва мунтақид Абдунабӣ Сатторзода дар мақолаи худ «Шеър ва зиндагӣ» ғазалҳои Лоиқро таҳлил карда, ба тозагии сухану диди шоиронаи ӯ баҳои баланд дод ва шоирро даъват кард, ки бештар ба гуфтани ғазал иштиғол варзад. Намедонам ин даъват то кадом андоза бамавқеъ буд, аммо мо баъдан соҳиби чанд ғазали оличанобӣ Лоиқ гардидем. Мураттиби баёзи ғазали тоҷик шодравон Маҳмуди Давлат дар пешгуфтораш қайд мекунад, ки аз миёни ғазалҳои шоирони тоҷик танҳо ғазалҳои Лоиқ бо шӯру шааф, бо таркибу ибора, бо зебоии хосу афкор ба талаботи классикии ин навъи шеър ҷавобгӯ ҳастанд.

Ҳарчанд Лоиқ бо фурӯтанӣ ғазалҳояшро бо унвони «Машқи ғазал» ба табъ расонидааст, аммо бояд иқрор кард, ки пас аз инқилоби Бухоро дар қаламрави мо с ухангӯе ба ин шириниву шевоӣ, ба ин устодиву чирадастӣ ғазал насурудааст.

Доманаи мутолиа ва омӯзиши Лоиқ густурдааст. Аммо баъди бо кӯшиши худи Лоиқ ва Зоҳир Аҳрорӣ ба табъ расидани девони Соиб («Ирфон», 1980) ҳаманишинии шаборӯзӣ бо Девони Кабири Шамс ғазали ӯ обуранг ва ҷилои тоза пайдо кард. Дар сурудаҳои ӯ шӯру қиёми Мавлоно ва маъниофаринии Соиби Табрезӣ равшан ҳувайдост.

Ба ин байтҳо таваҷҷӯҳ фармоед ва ба осонӣ дарк хоҳед кард, ки дар паҳлӯи шоир кист:

Лоиқ:

*Баҳор мерасад, аз хештан фирор кунед,*
*Қарор дар шафати ёри беқарор кунед.*

Соиб:

*Гардиши сол аст, май дар соғари ишрат кунед,*
*Гӯши миноро тиҳӣ аз пунбаи ғафлат кунед.*

Лоиқ:

*Хандон агар намекунӣ, гирён макун маро,*
*Обод агар намекунӣ, вайрон макун маро.*

Соиб:

*Гар қобили малол наям, шод кун маро,*
*Вайрон агар намекунӣ, обод кун маро.*

Лоиқ:

*Гарчи ман кӯтоҳдастам, кӯтаҳармон нестам,*
*Гарчи ман кӯтоҳумрам, кӯтаҳимон нестам.*

Соиб:

*То зи аҳли ҳайратам, хотирпарешон нестам,*
*Шамъи бефонусам он рӯзе, ки ҳайрон нестам.*

Ва ғайраҳо.

Касе, ки бо адабиёт сару кор дорад, медонад, ки инҷо фақат сухан аз ҳамоҳангии ғазалҳо намеравад. Рӯҳ, эҳсос ва ҳатто истеҳкоми ҳар ибораву ҳар вижа бисёр муҳим аст. Вақте ки Лоиқ «Биё, эй дарди ман, тармими ҷон кун» мегӯяд, мо бояд ба ёд орем, ки чунин андешаи риндонаро танҳо Мавлавӣ изҳор карда метавонаду бас.

Пас чаро моғазали Лоиқро мехонем? Оё беҳтар нест ғазали Аттор хонему Саноӣ, Мавлавӣ хонему Ҳофиз, Соиб хонему Бедил?

Ғазали Лоиқ ғазали асри мост, ғазали рӯзу шаби худи мост. Медонем, ки сурудҳои бузургони гузаштаи мо ҳамеша ҳозиразамонанд, ҳамеша зиндаанд, ҳамеша ғамгусору тасаллобахшанд, аммо ғазали инсони мушаххасе нестанд, ки аз кӯчаҳои Душанбе хаёлӣ мегузарад ва айвони гулфишони ёри дурафтодаро ёд мекунад!

Биёед ин зеботарин ғазали Лоиқро бо ҳам хонему лаззат барем:

*Аз дур ошёни туро ёд мекунам,*
*Дар ҳар куҷо нишони туро ёд мекунам.*
*Аз кӯчаҳои шаҳр хаёлӣ чу бигзарам,*
*Айвони гулфишони туро ёд мекунам.*
*Аз ҳафт ранги тобиши рангинкамони дур*
*Садрангии ҷаҳони туро ёд мекунам.*
*Оғӯшам аз ҷавониву зебо(ӣ) пур шавад,*
*То чеҳраи ҷавони туро ёд мекунам.*
*Ҳар гаҳ забони хомаам гирад зи изтироб,*
*Лабҳои байтхони туро ёд мекунам.*
*Азбас дар остонаат мондаст лахти дил,*
*Як умр остони туро ёд мекунам.*

Ман ду байти инғазалро нагирифтаам, ба ман маъқул нестанд, аммо ӣч ғазали зебое! Агар ин ғазалро ба ҳамасрони Соиб мехондем, шояд ба андозаи мо дарк намекарданду лаззат намебурданд. Воқеан, бисёр байтҳои оличанoби гузаштагони мо, ки дар замонашон бамаротиб асар дошт, имрӯз он таъсирро надорад. Хоҳед, нахоҳед, мо инсони поёни асри XX ва ибтидои асри XXI ҳастем.

Бузургтарин вижагии ғазали Лоиқ он аст, ки бо вуҷуди қолабӣ будан (дар поёни фасл дар ин бора хоҳам гуфт) бисёр замонавист ва хонанда ба зудӣ пай мебарад, ки онро шоири муосираш сурудааст. Масалан, дар ғазале меояд:

*Айш хоҳӣ, азобҳо бинӣ,*
*Рӯй ҷӯӣ, ниқобҳо бинӣ.*

Ин суханҳоро метавонад ҳамасри Рӯдакӣ низ гӯяд. Аммо чун ба байти зер мерасем, дарк мекунем, ки гӯянда дар паҳлӯи мо ва муосири мост:

*Ҳалли осони мушкили қисмат*
*Дар кинову китобҳо бинӣ.*

Чанд мисол:

*То даме як барг дар боғи умедам пар занад,*
*Баҳри фардои Ватан мисли Хотин ҷон меканад.*

* * *

*Модарон то ҳол мепоянд роҳи аскарон,*
*Охирин уммеди ин уммедворон зинда бод.*

* * *

*Дар муҳити ҳамзабонони забонгумкардагон,*
*Чун наёбам ҳамзабонӣ, ёд меорам туро.*

* * *

*Шабхун заданду ногаҳон як шаҳри нозанин*
*Пур шуд зи дузди қаҳрамон, эй вой бар сарам.*

* * *

*Тоҷикистон ҳама санг аст, вале бар гӯре*
*Лавҳасанге нагузорем, ҳамин ҳиммати мост.*

Ва даҳҳо мисоли дигар...

Дар ғазали классикии мо ҳар байт сари худ истиқлол дорад. Кам ғазалеро метавон пайдо кард, ки аз матлаъ то ба мақтаъ дар як мавзӯъ бошад. Боре шоири арҷманди эронӣ Аҳмади Шомлу тартиби байтҳои ғазалҳои Ҳофизро аз рӯи мавзӯъ ва мантиқи баён дигар кард. Аммо хонандагон напазируфтанд. Яъне, табиати ғазал ҳамин аст ва наб ояд онро вайрон кард.

Аммо дар аксари ғазалҳои Лоиқ байтҳо мантиқан ба ҳам алоқаманданд, ваҳдати мавзӯъ боқист ва як ҳолату рӯҳияи мушаххасро ифода мекунанд. Ин шояд аз он аст, ки Лоиқ **аз гуфтани шеъри мушаххас ба гуфтани ғазал пардохт** ва ин мушаххасиро ба ғазал кӯчонд. Мисоле чанд:

*Ман на онам, ки бувад ҳамқадаҳи бехаборон,*
*Ман на онам, ки бувад ҳамраҳи бепову сарон.*
*То дилам ҳаст, биёрам ба бузургон тоат,*
*То назар ҳаст, равам аз паи соҳибназарон.*

* * *

*То туро ҷустам, замони комрониам гузашт,*
*То ғамат хӯрдам, умеди шодмониам гузашт.*
*Гуфта будам бо ту як дам зиндагӣ хуш бигзарад,*
*Дар талоши зиндагонӣ зиндагониам гузашт...*

* * *

*Чанд рӯзам монда ё на дар ҷаҳони бекарона,*
*Мерасад умрам ба поён мисли поёни фасона.*
*Ман саропо шеър будам, чораву тадбир будам,*
*Ҳам ба зери осмону ҳам ба зери осмона...*

Лоиқ барои ғазал забони дигар наофарид, ҳамчунон ки шоирони ғазалсарои эронӣ Симини Беҳбаҳонӣ, Манучеҳри Найистонӣ, Исмоили Хӯӣ ва Ҳушанги Соя офаридаанд. Вай аз қолабҳо ва андозаҳои классикӣ моҳирона истифода кард, вожаҳои зебои мардумиро ба кор бурд, таркибу ибо-расозии гузаштагонро таҷриба кард ва ғазалаш аз ғазали шоирони ҳамасраш пеш гузашт.

Имрӯз ағлаби қаламбадастони мо ғазал мегӯянд. Аммо ғазали Лоиқ дигар аст. Шояд аз ин миён Фарзонаи Хуҷандӣ пешдастӣ дорад. Ба ман забони ноби шеъри ӯ хушоянд аст, гумон мекунам, ки кашфу бозёфтҳои эҷодии хоҳари сухангӯи мо ҳанӯз дар пешанд.

Барои он ки сухани ман беҳуҷҷат набошад, ғазале аз Лоиқ меорам ва аз чанд тани дигар. Шумо фақат ба забони ғазалҳо эътибор диҳед ва хоҳед дарёфт, ки дар корбурди забони шеърӣ Лоиқ чӣ андоза пешрафтааст.

Чанд байт аз Лоиқ:

*Ҷамоли ғунча надидӣ, баҳор омаду рафт,*
*Гуле ба даст начидӣ, баҳор омаду рафт.*
*Чӣ кӯҳзодаӣ, дар домани биҳиштии кӯҳ*
*Зи домане накашидӣ, баҳор омаду рафт.*
*Расид мавсими дидору гул ба гул печид,*
*Ба хештан нарасидӣ, баҳор омаду рафт...*

Чанд байт аз Шукӯҳӣ:

*Салом,эй аз таҳи дил ишқбозон,*
*Даруни оташи ҳиҷрон гудозон.*
*Баҳор омад, чу дарёҳои кӯҳӣ*
*Равам сӯи ту ман ҳам тоз-тозон.*
*Ба гулшан шабпаракҳои тиллоӣ*
*Паранд аз гул ба гул бас ноз-нозон...*

Аз Мастон:

*Навмед агарчӣ кардаӣ, уммед мекунам,*
*Поёни шоми торро испед мекунам.*
*Афтодаам ба роҳи ту, дастам бигир, ман*
*Азми сафар ба хонаи хуршед мекунам.*
*Афтад агар ба хонаам ногаҳ гузори ту,*
*То умр ҳаст, дар ҷаҳон ман ид мекунам...*

Дар атрофи ғазал сару садо бисёр аст. Агар дар ёд дошта бошед, охири солҳои ҳаштодум дар саҳифаҳои моҳномаи «Адабиёт ва санъат» низ таҳти шиори «Оё ғазал шеъри имрӯз аст?» гуфтугӯи доманадоре ба вуқӯъ пайваста буд. Яке мегуфт, ки Ҳа!», дигаре «Не!». Ва ин ҳаю неҳо аз Эрону Афғонистон ҳам баланд мешуданду мешаванд.

Дар баёзи ғазали муосири Эрон «Аз панҷараҳои зиндагонӣ» (Интишороти «Нигоҳ», Теҳрон, соли 1369) сухани чанд тан шоири бӯтаранди эронӣ пиромуни ғазал дарҷ гардидааст.

Аҳмади Шомлу гуфта: «Ғазал шеъри замони мо нест».

Нодирпур фармудааст: «Даврони ғазал саромадааст, аммо ғазал ҷовидон аст».

Симини Беҳбаҳонӣ, ки аз ғазалсароёни навпардозу номдор аст, амиқтар рафтааст: «Ба назари ман мушкили ғазали имрӯз тақлид аст. Мӯҳтавои ғазали имрӯз бояд завобити ғазали қадимро ба дасти фаромӯшӣ биспорад».

Оё Лоиқ завобит – қоидаву қонун, қолаб, андоза, таркиб, ибора, воситаҳои тасвири ғазали қадимро ба дасти фаромӯшӣ додааст?

Ҳарчанд дар ғазалҳои Лоиқ мӯҳтавои тозаи замон раҳ ёфтааст, аммо фоизи зиёди пӯёмиш паёми такрори ғазалҳои гузаштааст. Ва чанд фисади мавзӯи замон низ тавассути завобити ғазали қадим ироя гардидааст.

Чанд мисол:

*То ҳастаму то ҳастӣ, ҳамрози ту хоҳам буд,*
*То сози даме дорам, дамсози ту хоҳам буд.*
*Чун ҷон на барои тан, шоистаи ҷонон аст,*
*То ҷону ҷаҳон дорам, ҷонбози ту хоҳам буд.*

* * *

*Осон куҷо ба маснади иззат расидаем,*
*Баъд аз ҳазор хорию зиллат расидаем.*
*Дар хуни хеш ғарқаи гирдоб будаем,*
*Ҷон додаву ба ҷониби давлат расидаем.*

* * *

*Эй шӯри ҷаҳони ман, эй ишқи ҷавони ман,*
*Дар пойи дарахти хушк, эй оби равони ман.*
*Дар мазраи хушкида борони нумӯафзо,*
*Дар синаи беуммед уммеди нишони ман.*

* * *

*Зиндагӣ бо ошноиву ҷудоӣ бигзарад,*
*Ҳам худоӣ бигзарад, ҳам бехудоӣ бигзарад.*
*Ҳар касе бифрӯхт моро, ман надонам чӣ харид?*
*Бебаҳоӣ бигзарад, арзонбаҳоӣ бигзарад.*

Мо ин паёмҳоро дар куҷое низ хондаем. Шояд бо ҳамин радифу қофияҳо, шояд дар ҷомаҳои дигар.

Чаро чунин ҳолат рух медиҳад? Ба яқини ман, табиати ғазал ҳамин аст. Вақте ки шумо шеъри чаҳорпораӣ месароед ва дар он ҳолате, рӯҳияе, фазои мушаххасеро ифода мекунед, ба куллӣ озодед. Ба ҳар ранге, ки мехоҳед, суханро пироҳан мепӯшонед. Аммо дар ғазал шумо «дар миёни чор дарё тахтабанд» шудаед, шуморо қофияву радифи интихобкардаатон намегузорад, ки ба дуриҳо равед, маҷбур ҳастед мутобиқи тақозои қофияву радиф мазмун офаред. Аз ҳамин рӯ, шеъри классикии мо пур аз шамъу парвона, гулу булбул, шаробу кабоб, корвону бонгиҷарас, сарви ра-

вону қумрӣ ва ғайраҳост. Масалан, шоир барои сурудани ғазали навбатиаш калимаи «пиёла»-ро интихоб мекунад. Ва барои такмили ормонаш вожаҳои ҳамоҳанги «рисола», «лола», ҳола», «жола», «гулола», «мола», «вола», «ҳаждаҳсола», «ҳавола» ва ғайраҳоро ҷамъ меорад ва барои ҳар кадоми онҳо маънӣ меофарад. Агар бо ҳамин қофия ғазалҳои гузаштаи моро ҷамъ оваред, ба ҳайрат хоҳед афтод. Он қадар он ҳо ба ҳам монанд ва ҳаммазмунанд, ки!... Ана, таворуди афкор аз куҷост.

Барои нафаре, ки ду-се девон хондааст ва даъвои шоирӣ ҳам дорад, аз рӯи тақозои қофия ва радиф маънӣ офаридан кори сахте нест.

Лоиқ ғазале сурудааст, ки бардоште аз рӯзгори нобасомони солҳои охир аст:

*Ҷон ба қурбони ту, эй меҳани хунинкафанам,*
*Буд(ӣ) байтулшарафам, гашта(ӣ) байтулҳазанам.*
*Душманат чор тараф аҷнабию хонагианд,*
*Тани танҳо ба чӣ нирӯ сафи аъдо шиканам?*
*Дӯст душманнасақу душмани ту дӯстнамост,*
*Рост гӯям, бипаронанд зи чашму даҳанам.*
*Ку дигар шаъшааи донишу фарҳанги бузург?*
*Ку дигар карру фару наъраи ғулғулфиканам?*
*Рӯзу шаб аз ғами ту гирякунон месӯзам,*
*Ту ба хун ғарқаю ман ғарқи малолу миҳанам...*

Латифи Пидром – шоири озодаи Афғонистон – низ дар ҳамин вазну қофия (бо каме тағйир) ғазале дорад:

*Ватано, куштаи афтода ба ғурбат, Ватано,*
*Аз чӣ оғушта ба хун гашт туро ҷону тано?*
*Аз чӣ вайронасаро гашт ҳама шаҳру деҳот,*
*Аз чӣ атлолу даман шуд ҳама боғу чамано?*
*Пуштаҳо бинӣ аз кушта ҳама моломол,*

*Куштаҳо бинӣ, афтода ҳама бекафано.*
*Сангҳо ҷумла ба занҷиру сагон ҷамла раҳо,*
*Чашмҳо боз, вале баста забону даҳано.*
*Нашунидам, ки равад ин ҳама бедод ба халқ,*
*Ё ба мулке расад ин гуна азобу миҳано.*

Албатта, шабоҳати бадбахтии ин ду кишвари ҳамсояро наметавон надида гирифт, ки мӯҷиби рӯи коғаз омадани ин ду ғазали ҳамоҳанг гардидааст. Аммо ҳамоҳангии асосӣ аз он сар задааст, ки ҳар ду шоир мутобиқи тақозои қофияи ғазалашон маъниофарӣ кардаанд ва ғазалҳои тақрибан якхела эҷод намудаанд. Ва чунин мисолҳо дар адабиёти куҳансоли мо ҳазор андар ҳазор аст.

Дар ҳар аср ҳазорҳо ғазалсаро қалам фарсудаанд. Аммо номи хеле ками онҳо то ба имрӯз боқӣ мондааст, номи онҳое боқӣ мондааст, ки дар инқолаби куҳан сухани нав, маънии нав, фазои нав офарида тавонистаанд.

Биноӣ ҳам ғазал гуфтааст, Ҳилолӣ ҳам. Аммо «тафовути роҳ аз куҷост то ба куҷо!»

Аксари ғазалҳои Лоиқ аз завобити ғазали куҳан озод нестанд ва бештар ба тазод ва бозии сухан такя доранд, ки ба сурудаҳои ӯ якрангиву якнавохтӣ илқо мекунанд.

Чанд байт аз ду ғазал:

*Аз* ***баҳоре*** *то* ***баҳоре*** *рафтаам,*
*Аз* ***нигоре*** *то* ***нигоре*** *рафтаам.*
*Умри ман чун қулла пушти қулла буд,*
*Аз* ***бароре*** *то* ***бароре*** *рафтаам.*
*Ҷоннисорӣ буд ишқам дам ба дам,*
*Аз* ***нисоре*** *то* ***нисоре*** *рафтаам...*

* * *

*Ба* ***баҳори*** *нав расидам, зи* ***баҳор*** *шукр гӯям,*
*Ба* ***нигори*** *нав расидам, зи* ***нигор*** *шукр гӯям.*
*Зи хумори ишқ шодам, ки дили маро ҷавон кард,*

*Ба **хумори** дил расидам, зи **хумор** шукр гӯям.*
*Ғазали **ҳазор** бошад зи **ҳазор** ҷилваи гул,*
*Зи **ҳазор** нағмаи ӯ ду **ҳазор** шукр гӯям...*

Намунаҳои дигар:

***Ҳаққи** мо **ҳаққузор** мехоҳад,*
***Рӯзи** мо **рӯзгор** мехоҳад.*
***Ғами** мо як ғами висоле нест,*
*Ҳиммати **ғамгусор** мехоҳад.*
***Сари** коре, ки мову ту **дорем**,*
***Сари** моро ба **дор** мехоҳад.*

* * *

*То даме **дил** доштем, эй дӯст, **дилбар** доштем,*
*То даме **сар** доштем, эй дӯст, **ҳамсар** доштем.*

* * *

*Мулк **сангистону** мо **бесангарем**,*
***Сар** ба **сар сардору** мо **бесарварем**.*

Қолаби дигар:

***Ноком** будам, ту **комронам** кардӣ,*
***Гумном** будам, **ту достонам** кардӣ.*
*Бе ишқ **хазони бебаҳоре** будам,*
*Бо ишқ **баҳори бехазонам** кардӣ.*

* * *

*То **пир** нагардем, наҷӯем **ҷавонӣ**,*
*То **хок** нагардем, надонем **нишон** чист.*
*То **ташна** намонем, наҷӯем раҳи об,*
*То **гушна** намонем, надонем, ки **нон** чист.*

Дар ғазалҳои Лоиқ дигар қолабҳои маънисозро низ ме-

тавон пайдо кард. Аммо қолабҳои болоӣ дар бештари ғазалҳои ӯ тасаллут доранд.

Суоле ба миён меояд, ки пас хидмати Лоиқ дар чист? Барои ба ин савол ҷавоб ёфтан лозим меояд, ки ҳама ғазали Лоиқро бо ҳама ғазали шоирони имрӯзӣ дар тарозуи қиёс гузорем.

Лоиқ аз ҳама хубтар асрори **ғазали гузаштагонро** омӯхтааст, аз ҳама хубтар **таҷрибаҳои ононро** таҷриба кардааст, аз ҳама хубтар **ғазал гуфтааст.**

Ман, ки як пойи маҳак ҳастам ва дар роҳи сухан мувофиқи тавонам қадам мезанам, то андозае медонам, ки дар куҷо кашф аст ва дар куҷо такрор. Аммо мардона бояд иқрор кард, ки **корҳои такрории** Лоиқ дар адабиёти мунзавии ғунудаи ҳаштодсолаи мо ба кашф баробар аст. Шоири оянда бояд бурду бохти ин заҳматкаши адабиётро омӯзад, ибрат бигирад ва ба кашфу бозёфтҳои нав бирасад. Барои ҳамин ҳам ман дар ҷое навиштаам, ки муносибати ман ба эҷодиёти Лоиқ муносибат ба як адабиёт аст!

Лоиқ, ҳамчунон ки шеъри озод гуфту қолабҳоро шикаст, бо ғазал ин тавр муомила накард. Ӯ эътиқодманд ва пайрави ғазали классикӣ монд. Аммо дар назми Афғонистону Эрон шеърҳое пайдо шуданд, ки ҳатто вазну қофия надоранд, чун муҳтавои ошиқонаашон ҳаст, онҳоро «Ғазалвора» номидаанд.

Ман дар эҷодиёти чанд тан шоири бузурги эронӣ ба шеърҳое бархӯрд доштам, ки метавон онҳоро **намунаҳои ғазали оянда** таъриф кард.

Аз Аҳмади Шомлу:

*Чӣ бигӯям? Сухане нест.*
*Мевазад аз сари уммед насиме,*
*Лек то замзамае соз кунад,*
*Дар ҳама хилвати саҳро ба раҳаш*
*норване нест.*
*Чӣ бигӯям? Сухане нест.*

*Пушти дарҳои фурӯбаста*
*Шаби аз дашнаву душман пур,*
*Ба каҷандешӣ*
*хомӯш нишастаст.*

*Чӣ бигӯям? Сухане нест.*
*Дар ҳама хилвати ин шаҳр ово*
*Ҷуз зи муше, ки даронад кафане, нест.*

*В-андарин зулматҷо*
*Ҷуз сиёнавҳаи шӯмурда зане нест.*

*В-ар насиме ҷунбад,*
*Ба раҳаш наҷворо норване нест*
*Чӣ бигӯям?*
*Сухане нест...*

Аз Нодири Нодирпур:

*Ту мисли тунги шаробӣ, ту шеъри манӣ.*
*Чӣ гуна нозукиатро нодида ангорам?*
*Чӣ гуна гоҳ наандешам аз шикастани ту?*
*Чу бишканӣ, аташамро ба хок мефиканӣ?*
*Ту ҳамзабони гулу ҳамнишини ойинаӣ,*
*Тулӯи дам ба дамат аз миёни ин ду хуш аст,*
*Ту офтоб дар офоқи чашмаю чаманӣ.*
*Лабат даҳони гули сурх дар сапедадам аст,*
*Ки аз насими каломе кушуда мемонад,*
*Ту бар забони гулу бод беҳтарин суханӣ...*
*Ту мисли тунги шаробӣ, ту зуд мешиканӣ.*

Ҳамчунин ки мебинем, боҳам қофия шудани **сухане, норване, кафане, зане** бо ҳамдастии радифи **нест** ба шеъри Шомлу оҳангу шукӯҳи ғазалро додааст. Ва ҳамин

ҳолатро ба шеъри Нодирпур ҳамоҳангии вожаҳои **манӣ, мефиканӣ, чаманӣ, суханӣ, мешиканӣ** ато кардааст.

Вақте ки дар шеъри форсӣ шеъри озод тасаллут пайдо кард, ҳама бар он буданд, ки дигар ба пур кардани бемавқеи мисраъҳо ҳоҷат нест.

Чаро ин таҷрибаро дар ғазал татбиқ накунем? Чаро мо бояд ҳатман мисраъҳои ғазалро аз вожаҳои нолозим пур гардонем? Ман чанд вақт аз пайи ҳамин таҷриба будам ва ду-се намунаи чунин ғазалҳоямро дар моҳномаи «Садои Шарқ» (7-9, 1999) ба табъ расонидаам.

Чанд байт аз як ғазал:

*Як бӯсаам раҳо кун...*
*Ин умри бевафоро ҳамроҳи бовафо кун.*
*Дарётарам кун, эй ҷон,*
*Дунётарам кун, эй ҷон,*
*Фардотарам кун, эй ҷон,*
*Ин дил, ки аз «куҷоест», фарзанди нокуҷо кун!*
*Нақди ситораҳоро оё тавон шумурдан?*
*Бо ғунчаҳои хандон оё тавон намурдан?*
*Бо ҳар кӣ метавон, кӯш,*
*Бо ҳар чӣ метавон, бош,*
*Аммо мани хазонро дар боғи худ баҳо кун!*

Ва ғайраҳо.

Албатта, зеҳни мо, ки ба ғазали классикӣ одат кардааст, шояд ба чунин «кӯшишҳо» тан надиҳад. Аммо, бовар кунед, ки якоҳангиву якнавохтӣ ва якмазмунии ғазалҳо хаста кунандааст. Девони ғазалеро бигиреду ба дарозои як соат мутолиа кунед, ба гуфтаи ман имон меоваред.

# ЛОИҚ ВА РУБОИВУ ДУБАЙТӢ

Муҳаққиқи эронӣ, дӯст ва бародари мо Алиасғари Шеърдӯст дар китоби «Чашмандозе ба шеъри имрӯзи тоҷик» («Адиб», 1997) рубоӣ ва дубайтиҳои Лоиқро дар назми мо беҳтарин донистааст.

Пас аз Инқилоби Уктубар рубоиву дубайтӣ аз ёд нарафта буд. Шоирон гоҳ-гоҳ ба ин ду навъи адабии писандидаи мардум рӯ меоварданд. Хонандагон дубайтиву рубоиҳои хуби устод Лоҳутӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Муҳиддин Аминзода, Фарҳат, Аминҷон Шукӯҳиро шояд дар ёд доранд. Аммо чун дар сурудаҳои онҳо фазову авзои назми даврашон тасаллут дошт, бо гузашти даврон ва фаро расидани муҳити дигари шеърӣ мавқеи худро аз даст доданд.

Лоиқ дубайтӣ ва рубоисарои замони дигар буд, шеъри замони Лоиқ аз шеъри замони Раҳимӣ фарқ мекард – аз лиҳози диди воқеа, бардошт, зарбу оҳанг ва ҳадафҳо. Ҳамчунон ки дар колбади фарсудаи ғазал рӯҳи тоза дароmad, дарахти дерсоли рубоиву дубайтӣ низ шоху баргу ҷавонаи нав додан мехост.

Аввалин рубоиҳои Лоиқ ҳанӯз дар солҳои донишҷӯияш, аввали солҳои шастум, дар моҳномаи «Садои Шарқ» ба табъ расидааст. Яке аз онҳо дар ёди ман мондааст, ки дар маҷмӯаи нахустини ӯ – «Сари сабз» («Ирфон», 1966) низ омадааст:

*Аз ҷабри гуноҳи хештан нагрезам,*
*З-он по, ки фитодаам, зи нав бархезам.*
*Ҳаргиз набарам ба нокасе рӯи ниёз,*
*Дастам шиканад, ба гарданам овезам.*

Дар ин рубоӣ ҷузъи мушаххас – ба гардани худ овехтани дасти шикаста бисёр фавқулоддааст. Он солҳо, ки мо нав ба адабиёти хориҷӣ шиносоӣ пайдо мекардем, ҳайратзада будем, ки чаро ин амали оддии зиндагиро надидаему шеър накардаем ва Лоиқ онро мушоҳида карда тавонистааст.

Ман баъдтар дар девони як шоири афғон мисраъеро дарёфтам, ки мухотабаш пирист: «Эй дасти шикаста, бори гардан!» Аммо ин маънӣ дар рубоии Лоиқ бисёр зебо ва пургунҷоиш аст, аз ғурур ва сарбаландии қаҳрамони лирикӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар паҳлӯи рубоии боло рубоии дигаре низ чоп шуда буд, ки ин аст:

*Гар яккасавори ҳунарӣ, гар шоҳӣ,*
*Гар аз ҳама асрори ҷаҳон огоҳӣ,*
*Дар танграҳи муносибат бар мардум*
*То раҳ надиҳӣ, ба худ наёбӣ роҳе.*

Чун ин рубоиро хондам, ба ёдам афсонаи китоби «Алифбо» расид: ду бузғола дар боло и пули борике рӯ ба рӯ меоянд. Онҳо аз рӯи ғурур ба ҳам роҳ намедиҳанд, ба занозанӣ медароянд ва ҳар ду ба ҷӯи об сарозер меафтанд. «Офарин, Лоиқ!» – гуфтам ба худ. Чӣ хел мазмуни афсонаро устокорона истифода бурдааст.

Шояд Лоиқ ин афсонаро дар назар надошт, шояд таҷрибаи рӯзгори тӯлонии мардумро истифода кард. Ба ҳар ҳол ҷузъиёти мушаххаси пурмӯҳтаво рубоиҳои (ҳам дубайтиҳои) ӯро хотирнишин, муассир ва фарқкунанда гардонидааст. Мо инкишофу такомул ва шукуфоии ин равияро дар «Ҷоми Хайём» (силсилаи рубоиҳо), «Резаборон» ва «Давоми «Резаборон» (силсилаи дубайтиҳо) дида метавонем, ки солҳои баъд ба табъ расидаанд.

Биёед ба чанд мисол руҷӯъ кунем.

Аз рубоиёт:

*Хоҳам, ки суруд хонам, овозам нест,*
*Якдаста рубоб чун навозад охир?!*

* * *

*Шеъре, ки зи сӯзу шарори дил холист,*
*Тифлест, ки мурда зода бошад модар.*

* * *

*Дар оташи кӯрдуди соли сиюҳафт*
*Донед магар, китоби Айнӣ ҳам сӯхт.*

* * *

*Рӯ ҷониби роҳи бозгашти хуршед*
*Ҳамчун гули хуршедпарастам то субҳ.*

Аз дубайтӣ:

*Ба дарёи дили ман шаст андоз,*
*Ки моҳии тилло афтад ба шастат.*

* * *

*Ба рӯи санг рустам ман, вале ту*
*Гули гулдониву борон надида.*

* * *

*Ҷавонӣ чун ниҳоли гул набошад,*
*Ки онро ҳар баҳор аз нав шинонем.*

* * *

*Зи байти абрӯят тақлид кардам,*
*Суханро ҳамчу мӯят бофтам ман.*

* * *

*Бидон, бе машъали ақли дурахшон,*
*Бидуни афтоби илму ирфон,*
*Агар сад Нораку Роғун бисозӣ,*
*Бимонад Тоҷикистон торикистон.*

Ҷузъҳои болоӣ аз таъриху таҷоруби зиндагӣ ва аз афсонаҳо гирифта шудаанд ва барои офаридани маъниҳои баланди шоирона ба Лоиқ хидмат кардаанд. Дар омади гап зикр кунам, ки аз миёни рубоисароёни ӯз и шоири Қубодиёнӣ – Сайдуллои Аминҳаст, ки сурудаҳояш аз ҷузъҳои хотирнишин таркиб ёфтааст. Аммо дареғову дардо, ки ӯ мисли Лоиқ шоир ва суханвар нест ва ҷузъиёти рубоиҳояш рӯҳ надоранд.

Дар рубоиву дубайтиҳои Лоиқ шӯру қиёми ошиқонаву риндонаи Бобо Тоҳири Урён, соддагиву ширинии сурудаҳои мардум, фалсафаи худсозу худшикани Аллома Иқбол ҷамъ омадаанд. Чунин баҳамоӣ самараи омӯзиш, заҳмат, ҷустуҷӯ ва офаридгории истеъдоди фавқулоддаи Лоиқ аст, ки то ӯ дар адабиёти навини мо ба касе даст нadода буд.

Ба ин мисолҳо таваҷҷӯҳ фармоед, ки шеъри мардумиро ба ёд меоранд.

Аз рубоиёт:

*Аз ёр ҷудо шудему танҳо мурдем,*
*Савдозада гаштему зи савдо мурдем.*
*Чун кӯзаи мо зи санги соҳил бишикаст,*
*Мо ташнаҷигар дар лаби дарё мурдем.*

* * *

*Ҳоло, ки баҳорам нагузаштаст, биё,*
*Ҳоло, ки хуморам нашикастаст, биё.*
*Ҳоло, ки ба ёди рӯи хуршедвашат*
*Хуршеди ҳаётам нанишастаст, биё.*

* * *

*Овац, чӣ шабе, шаби баҳорон имшаб,*
*Болои сарам ситорарезон имшаб.*
*Бар чеҳраи гул то нарасад озоре,*
*Нармак резад гулнами борон имшаб.*

Аз дубайтӣ:

*Тамоми бешаҳо месӯзад имшаб,*
*Ситора дар само месӯзад имшаб.*
*Ситора дар само сӯзад, насӯзад,*
*Дилам баҳри шумо месӯзад имшаб.*

* * *

*Чу моҳӣ меравам дарё ба дарё,*
*Чу оҳу меравам саҳро ба саҳро.*
*Замину осмонро мезанам пай,*
*Ки боре ёбамат танҳо ба танҳо.*

* * *

*Биё, дастобадаст олам бигардем,*
*Ғаме ҷӯем, то беғам бигардем.*
*Ҷаҳон бас аз сари одам гузаштаст,*
*Биё, гирди сари одам бигардем.*

Дар мисолҳои болоӣ на танҳо зарбу оҳангу мӯҳтавои сурудаҳои халқӣ корбурд ёфтаанд, балки иборару вожаҳои шеъри мардумӣ низ истифода гардидаанд.

Азбаски Бобо Тоҳири Ҳамадонӣ ва Иқболи Лоҳурӣ дубайтӣ гуфтаанд, ман ба танҳо нишон додани ҳамоҳангии дубайтиҳои Лоиқ иктифо кардаам, ҳарчанд чунин созгорӣ дар рубоиҳои шоири тоҷик ҳам фаровон ба назар мерасад.

Бобо Тоҳир:

*Хаёлатро чу шаб гирам дар оғӯш,*
*Саҳар аз бистарам бӯи гул ояд.*

Лоиқ:

*Чӣ чашмони хаёлангез дорӣ,*
*Ки гӯӣ аз хаёли ман сиришта.*

Бобо Тоҳир:

*Агар ойӣ, ба ҷонат вонавозам,*
*В-агар н-ойӣ, зи ҳиҷронат гудозам.*
*Биё, дарде, ки дорӣ, бар дилам неҳ,*
*Бимирам, ё бисӯзам, ё бисозам.*

Лоиқ:

*Ғизоли саркаши ошиқгурезам,*
*Биё, дар пеши поят ҷон бирезам.*
*Чӣ хушбахтам, агар як байти бӯса*
*Ба рӯи коғази рӯят нависам.*

Иқбол:

*...Ба он миллат сару коре надорад,*
*Ки деҳқонаш барои дигарон кишт.*

Лоиқ:

*Замин безор шуд з-он соҳибоне,*
*К-аз онҳо ҳосилаш беҳосилӣ буд.*

Иқбол:

*Ба дарё афту бо мавҷаш даромез,*
*Ҳаёти ҷовидон андар ситез аст.*

Лоиқ:

*Ба доман ашк тӯфон карданат чист?*
*Бигир аз домани тӯфонзамире!*

Лоиқ бо истифода аз воситаҳои гуногуни тасвир, бавижа аз муқобила ва таззод, дар рубоиву дубайтиҳояш маъниҳои

амиқи шоирона офаридааст. Дар ин намудҳои шеърӣ ду мисраи аввал як навъ тазодевор ва ё дастёр аст, дар байти охир андешаи шоирона, риндона, фалсафӣ, сиёсӣ ва ғайра ҷамъбаст мегардад:

Масалан дар ин рубоӣ:

*Дар пайраҳаи покӯфтае раҳ сипарӣ,*
*Аз ҷӯйи канда оби осон бихӯрӣ.*
*Ин сон ки туӣ шоири* ***хушкидадимоғ,***
*Як барг ба* ***«Бӯстон»****-и Саъдӣ набарӣ.*

Ё дар ин байт:

*Дареғо, иддае кӯтоҳдастанд,*
*Ки аз таърихи худ тарфе набастанд.*
*Миёни* ***кӯҳҳои сар ба афлок,***
*Чӣ гӯям, иддае ҳастанду* ***пастанд.***

Суханбофиҳои бамавқеъ, истифодаи калимаҳои ҳамоҳангу ҳамзарб ба Лоиқ дар офаридани рубоиву дубайтиҳои хотирнишин ҳамдастӣ кардаанд.

Мисоле чанд аз рубоиёт:

*Ҳоло, ки маро* ***канори*** *серобе ҳаст,*
*Як бор бирӯй дар* ***канорам****, эй гул.*

* * *

*Хоҳандам агар зи пой* ***дарандозанд,***
*Бар гардани кӯҳ даст* ***меандозам****.*

* * *

*Аз дарди фишори умр дар синаи мо*
***Дил*** *нест, вале умеди* ***дилбар*** *дорем.*

Мисоле чанд аз дубайтиҳо:

*Ба пойи ҳар* ***чакоди***[1] *Тоҷикистон*
*Ҳазорон сол хуни мо* ***чакида.***

* * *

*Гумон кардам, ки ту марди* ***кабирӣ,***
*Вале дидам:* ***кавир*** *андар* ***кавирӣ.***

* * *

*Ки ман* ***ҷону*** *ту* ***марҷон*** *мепарастӣ...*

* * *

*Ки* ***беосеб*** *як* ***себе*** *нахӯрдам...*

* * *

*Ки баҳри* ***ҷуръа*** *хӯрдан* ***ҷуръатам*** *нест...*

Мутолиаи бадиққати рубоиву дубайтиҳои Лоиқ моро ба чунин хулосаҳо вомедорад:

1) Такрори мавзӯъ дар як намуд:

а) дар рубоиҳо –

*Ҳар гоҳ ситорае фитад аз гардун,*
*Эй ёр, ситораи маро ёд бикун.*

* * *

*Истораи мо дар осмон ҷовид нест,*
*Як рӯз ба хок сарнагун меафтад.*

Ва ё –

*Даҳчанди қад аст ҳайкалу мақбара, лек*
*Қабри ҳама кас баробари қомати ӯст.*

[1] Чакод – қулла.

* * *

*Чун даргузарему гӯрҳамсоя шавем,*
*Қабри ману ту баробари қад созанд.*

б) дар дубайтиҳо –

*Ба дарё мезанам дил, то бидонад,*
*Ки андар соҳилаш дарёдиле ҳаст.*

* * *

*Лаби дарё биёӣ, об агар нест,*
*Зи дарёи дили ман ёд овар.*

Ва ё –

*Зи байти абруят тақлид кардам,*
*Суханро ҳамчу мӯят бофтам ман.*

* * *

*Ба байти абруят дар шеъри тоҷик*
*Ягон шаҳбайти ҳамсоне надидам.*

2) Такрори мавзӯъ дар рубоиву дубайтӣ:

*Дарё чу бихушкид, бимонад соҳил*
*Ҳамчун ду лабе, ки аз лаби ёр ҷудост.*

* * *

*Ҷудо гардад лаби ман аз лаби ту,*
*Лаби ҷӯро бибӯсад об доим.*

Ва ё –

*Дарёдиламу ташналабе пайдо нест,*
*Шуд об дилам, зи соҳиле парво нест.*

* * *

*Чу ман дарёдилам дар зиндагонӣ,*
*Бубояд дар дили дарё бимирам.*

Боз –

*Чун зиндагӣ сар ба сар фиреб асту ғиром,*
*Ман ҷои фиреби зиндагӣ бода хӯрам.*

* * *

*Туро лабрез созад соқие боз,*
*Вале тарсам насиби ман набошад.*

3) Такрори мавзӯи рубоӣ ё дубайти дар шеърҳои дигар:
<u>а) Мавзӯи рубоиҳо</u> –

*Ҳар санги ватан мисоли ҳайкал зебост...*

* * *

*Ҳар кӯҳ ба мисоли ҳайкали подорест,*
*Кӯҳсори диёр ҳамчу ҳайкалзорест.*

* * *

*Баҳри он сангат зиёду кӯҳҳот,*
*То бисозӣ пайкара бар ёдгори он ҳама*
*Мардони пурҳасрат.*

**«Хоки Ватан»**

Ва ё –

*Истораи мо дар осмон ҷовид нест,*
*Як рӯз ба хок сарнагун меафтад.*

* * *

*Ахтарони фитода аз афлок*
*Бори дигар ба осмон н-ояд.*

**«Одами хокӣ»**

* * *

*Афтад ситора аз фалак беному бенишон,*
*Ман аз самои меҳри ту ҷое намеравам.*

**«Ватан»**

Ва ё –

*Ман ток наям, ки тирамаҳ гӯр кунед,*
*Чун фасли баҳор даррасад, бикшоед.*

* * *

*Осмони тозарӯ шуд тирарӯ,*
*Токҳоро гӯр карданд.*
*Лек одам ток нест,*
*То ки онро гӯр карда айни сармои зимистон,*
*Боз бикшоянд айёми баҳорон.*

**«Тирамоҳ»**

Ва ё –

*Якчанд чу санги осиё чарх задем,*
*То мардум(ӣ) нон хӯранд, мо хӯрда шудем.*

* * *

*Чу санги осиё кам гашта аз кор,*
*Фузун карданд ризқи мардумонро.*

**«Мӯсафедон»**

<u>б) Мавзӯи дубайтиҳо</u> –

*Агар бо чашми дил хоҳӣ, бубинӣ*
*Ҳама ашъори ман ёди ту дорад.*

* * *

*Шеъри ман бӯи ту дорад,*
*Атри гесӯи ту дорад.*

**«Бахти сафед»**

Ва ё –

*Замин гоҳе аз он ҷунбад, ки гӯяд:*
*Ғанимат дон, ки дар рӯи заминӣ.*

* * *

*Замини Тоҷикистон з-ин сабаб бисёр меларзад,*
*Ки аз хоби гарон бедор созад халқи тоҷикро.*

**«Хурдаҳо»**

Ва ё –

*Диле гар ҳаст, умеди дилбаре ҳаст,*
*Саре гар ҳаст, умеди сарваре ҳаст.*

* * *

*Бедарди дил касест, ки дилбар надоштаст,*
*Бедарди сар касест, ки худ сар надоштаст.*

**«Ғазал»**

Ин ҳолат шояд аз он сабаб рух диҳад, ки эҷодкор аз сифату кайфияти кори аввалааш қаноатманд нест ва мехоҳад бозёфти шоиронаашро бори дигар шевотару зеботар баён кунад. Дар аксари мисолҳои боло пайдост, ки Лоиқ мавзӯи дар шеър гуфтаашро дар рубоӣ ва ё дубайтӣ хубтару марғубтар ифода кардааст. Аммо ҳолатҳое ҳам ба мушоҳида мерасад, ки Лоиқ матлаби дар рубоӣ ва ё дубайтӣ муваффақона баёнкардаашро дар шеъре мӯъҷазтару саҳеҳтар гуфта натавонистааст.

Ба ақидаи ман, аз як на муд ба дигар намуди шеър кӯчидани ташбеҳу истиораҳо, ибораву таркибҳо, ки дар эҷодиёти Лоиқ ба таври фаровон вомехӯрад, ба манфиати ҳунари шоирии Лоиқ нест.

Дар бисёр сӯҳбатҳо шунидаам, ки рубоиҳои Лоиқро аз дубайтиҳояш комилтар медонанд. Ба назари ман рубоиҳои ӯ аз лиҳози ифодаву истеҳкоми сухан баробари дубайтиҳои ӯ нестанд.

Чанд мисоли саридастӣ:

*Дар шебу фарози умр шав* ***сарафроз,***
*Пул нест ҷавон(ӣ), ки пасандоз кунӣ.*

* * *

*Таърих* ***барои он ки*** *раҳгум назанад,*
*Чун модари кӯр тифли бино зояд.*

* * *

*Аз калла манорасозӣ осон* ***дар он,***
*Аз ақл манора сохтан душвор аст.*

* * *

*Дар роҳи ҳаёт* ***тӯшаи роҳгузар***
*Бошад ба фидои роҳ* ***ҷону дилу сар.***

Дар байти якум сифати **сарафроз** наметавонад муқобили амали **пасандоз кардан** бошад. Бояд шоир калимаеро пайдо мекард, ки хилофи пасандоз бошад, он вақт муқобилгузорӣ мафҳуми гирое касб мекард.

Дар байти дуввуму саввум таркибҳои **барои он ки** ва **дар он** шоирона нестанд ва ноҷо афтодаанд.

Дар мисоли чаҳорум умуман ифода ғалат аст.

Дубайтиҳои Лоиқро гаштаву баргашта мутолиа кунед, чунин насрзадагӣ ва каммантиқиро пайдо нахоҳед кард.

Ҳар чӣ ҳам бошад, Лоиқ бо нирӯи табъи офаранда, лутфи сухан ва илҳоми саршораш чароғи дудзадаи рубоиву дубайтиро аз нав мунаввар сохт ва роҳи ошиқони ин ду навъи адабиро равшан гардонд. Ба шарофати ӯ би сёр адибони мо имрӯз дубайтиву рубоӣ месозанд, ҷо-ҷо хуб ҳам месароянд ва ояндагон боз хубтару марғубтар хоҳанд сароид.

Мехоҳам ин гуфтугӯи парешонро бо як дубайтии зебои

Лоиқ ҳусни интиҳо бахшам:

*Замоне буд ишқу давлати дил,*
*Замоне буд қадру қимати дил.*
*Замоне буду ишқе буду бигзашт,*
*Биё, ҳасрат кунем, эй Ҳазрати Дил!*

# ЛОИҚ ВА ҶАСОРАТИ АДАБӢ

Ҳар гоҳ сухан аз **ҷасорати адабӣ** равад, дар пеши назар симои Лоиқ ҷилвагар мешавад. Ин ҷо манзури ман танҳо ҷустуҷӯҳои пайваста, шикастаниқолабҳо, зинда кардани таркибу ибораҳои китобиву шифоҳӣ, бепарда гуфтани асрори дил ва ҳолу аҳвол нест, ки шоири тоҷик аз худ борҳо нишон додааст. Инҷасорат дар интихоби мавзӯъ ва корбурди унсурҳои муқаддаси миллат, ки дар паси девори идеологияи ҳоким пинҳон буданд ва муроҷиат ба онҳо мамнӯъ буд (ё аз муроҷиат ба онҳо метарсиданд), низ зоҳир мегардад.

То Лоиқ дар шеъри ҳеҷ шоири тоҷик истифода шудани оят, Қуръон, Муҳаммад, пайғамбар, Ҳафтяк ва ғайраҳоро надидаам. Ҳарчанд дар шеъри гузаштаи мо (ҳам китобӣ ва ҳам шифоҳӣ) бисёр дучор меоянд ва дар офаридани маъниҳои тоза саҳм гузоштаанд. Масалан, Соиб мегӯяд: «Ояте чун хати мушкини ту дарҚуръон нест» ва чӣ ринддона мегӯяд!

Дар шеърҳои аввалини Лоиқ омадааст:

*Худо гуфтию оят хондию таъбирҳо ҷустӣ,*
*Ту доим Ҳафтяк мондӣ ба зери болини кӯдак.*

* * *

*«Ту аввал ёб худро, пас худоро,*
*Гар аз худ мон(ӣ), монӣ аз Худо ҳам» –*
*Чунин фармуда дар Қуръон Муҳаммад.*

* * *

*Ту ҳамехостӣ Қуръон хонам,*
*Ки аз ӯ маърифате боло нест.*

* * *

*Ман аз ин сон бесаводон сӯхтан омӯхтам,*
*Дар қатори сураи Қуръон сухан омӯхтам.*

Рафиқе қисса карда буд, ки ҳар гоҳ аз Афғонистон ё аз Эрон ба Тоҷикистон бармегаштем, дар сарҳад ҷома донҳоямонро тагурӯ мекарданд ва Қуръон мекофтанд. Агар ин китоби муқаддасро пайдо мекарданд, соҳиби он тибқи қонунҳои замон то се сол зиндонӣ мегардид.

Барои Лоиқ ҳам гуфтани «дар қатори сураи Қуръон сухан омӯхтам» осон набуд ва аз ӯ ҷасорати фавқулодда тақозо мекард. Албатта, замони Лоиқ замони Пайрав ва ё Деҳотӣ набуд, бо вуҷуди ин осон набояд гирифт.

Дар ёд дорам, якҳамкори «Комсомоли Тоҷикистон»-ии моро барои он ки бақомааш «Дуои мустаҷоб» ном ниҳодааст, ҷазо доданд, зеро «мустаҷоб» калимаи динӣ будааст! Лоиқ ҳам дар ҳамон замон зиндагӣ ва эҷод мекард.

Он солҳо, ки Лоиқ овозу овоза пайдо мекард, масъалаи ба ӯ додани ҷоизаи Комсомоли Тоҷикистон ба миён омад. Ман дар ин ҳамдастӣ доштам.Аммо дар рӯзи Анҷумани (чандум, дар ёдам нест) комсомол ба Лоиқ мукофотро надоданд.

Вақте ки аз як корманди масъул сабаб пурсидам, гуфт:

– Лоиқ дар ягон қолаб намегунҷад!

Агар бо забони дигар гӯем, «Лоиқ мутобиқи идеологияи ҳоким кор ва рӯзгор надорад».

Хуб аст, ки Лоиқ ҳамин тавр буд ва ҳамин тавр монд. Вагарна дар он замон кӣ мегуфт:

*Араб гӯянд Синоро гурӯҳе,*
*Гурӯҳе форс ё тоҷик донанд.*
*Гурӯҳе ӯзбакаш гӯянду лекин*
*Кутубашро агар сад бор хонанд,*
*Нафаҳманду пайи тафсири ҳар ҳарф*
*Ҳама мӯҳтоҷи некӯ тарҷумонанд.*

* * *

*Бӯалӣ ҳам пеш аз он ки нодири дунё шавад,*
*Кӯдаки як модари бечора буд,*
*Дидаи таҳқиқ агар доред, хонед,*
*Гар намедонед то имрӯз, донед:*
*Номи ӯ Юлдуз куҷо?*
*Номаш Ситора будааст!*

Баъд аз ин дар ин мавзӯъ шеърҳои зиёде пайдо шуданд, ки беҳтарини онҳо «Теғи Сино»-и Бозор Собир аст.

Таърихи миллати мо фоҷиаангез аст. Ва ҳама ҳасратҳо, ҳиҷронҳо, бефарҳангиҳо, харобкориҳо бо номи ду шаҳри бостонии мо – Самарқанду Бухоро алоқаманд аст. Дар эҷодиёти Ғаффор Мирзо зимни қиссаву ривоятҳо ҷо-ҷо ин таърихи хунбор ба тасвир омадааст. Мӯъмин Қаноат ин дардро нозукона мегӯяд ва чун дард бузург аст, дар мисраъҳои нозукаш намегунҷад: «Ба савдо рафта дунё чун Самарқанду Бухороям».

Лоиқ буд, ки ин дардро рӯёрӯ, равшан, гиро ва муассир гуфт. Баӯ Бозор Собир, Гулрухсор ва бисёр ҷавонони қаламбадаст ҳамовоз шуданд. Мо, ки то пошхӯрии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ ватани ягона доштем, бар сари Самарқанду Бухоро, чун пораи ватани аҷдодӣ, гиря кардан хилофи шиори «мардуми шӯравӣ ба ҳам ёру бародаранд» буд.

Нависанда Кӯҳзод аз номи як қаҳрамонаш мегӯяд, ки пас аз Инқилоби Уктубар ба азобе ба ними хонаи худ соҳиб шудем. Ҳамин ҷумла чӣ қадар ба сари ӯ мушкилиҳо овард!

Ёд дорам, рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» гурӯҳи адибони моро, азҷумла Лоиқро низ, ба зери санги маломат гирифта буд, ки деҳи худро васф мекунанд ва онро ватан мегӯянд, ватани мо тамоми соҳати Иттиҳоди Шӯравист. Маҳдудназарӣ бас аст!

Дар ҳамин муҳит аз Самарқанду Бухоро – гаҳвораи тамаддуни форсизабонон – сухан гуфтан, гузаштаро бо дарду ҳасрат ба ёд овардан, аз беадолатии қисмат нолидан кори мардонае буд. «Аз Бухоро то дили ман як ваҷаб раҳ асту бас!»

Баъдтар Лоиқ наҳзати эҷодии худро дар ин роҳ ҷамъбаст карда мегӯяд:

*Дар Самарқанд қанди мо шуд заҳр,*
*Дар Бухоро бухор гардидем, –*

Ҷо-ҷо чунин мисраъҳо ба чашм мерасанд:

*Дур аз пистони модар, дур аз оғозгоҳ –*
*Берун аз маҳди Самарқанду Бухоро мондаӣ.*

* * *

*Дар Бухорое, ки даргоҳи дарист,*
*Бо даригуфтор(ӣ) берун аз дарем.*

Дар шеъри «Кӯҳистонӣ» омадааст:

*Зи дасти манғиту турку араб, аз ҷаҳли барбарҳо,*
*Зи андозу хироҷу боҷ, аз даргоҳи бедодҳо,*
*Зи чоҳу кундаву занҷир, аз зиндону завлона,*
*Зи минбарҳои бепоя, зи маснадҳои шоҳона,*
*Зи дасти сарнавишти хеш – аз тақдири пешонӣ –*
*Паноҳ овард(ӣ) дар кӯҳсор, эй марди кӯҳистонӣ.*

Имрӯз пойтахти ӯ шаҳри Душанбе мебошад, ки деҳаи хурди назарногире буд:

*Туро бетахту маснад офариданд,*
*Ки бошӣ пойтахти Тоҷикистон,*

*Агарчанде замоне дошт тоҷик*
*Ба номе пойтахти илму ирфон.*

Мо чаро ба ин рӯз расидем?

*Маснаде дар ҳалқаи саҳронишинон,*
*Бӯстоне дар миёни шӯразорон,*
*Гулхане дар моварои кӯрдуд,*
*Паҳлавоне дар миёни нотавонон –*
*Оли Сомон!*
*Гӯиё*
*Як нафас тоҷикро таърих дод ойинае,*
*То дар ӯ бинад нишони хештанро,*
*То дар ӯ ёбад ҷаҳони хештанро,*
*Лек шодикаф шуду ойина аз дасташ фитод,*
*Хештанро ҳам надиду дигаронро ҳам надид...*

Вақте ки Лоиқ аз Оли Сомон бо ҳасрату надомат сухан мегуфт, ҳанӯз аз ҷашни 1100-солагии давлатдории Сомониён хабаре набуд ҳанӯз муҷассамаи бузурги Исмоили Сомонӣ пойтахти Тоҷиконро шукӯҳ намебахшид. Имрӯз китобҳо, маъмӯаҳо, рисолаҳо пур аз ибораи «Оли Сомон» аст. Лоиқ буд, ки Сомониёнро дар шеър ба ёд овард, ба хонанда гуфт, ки чунин аҷдоди наҷиб дорӣ ва ӯро фаромӯш набояд кард.

Олими фарзона Муҳаммадҷон Шакурӣ дар мақолаи арзишманди худ «Нигоҳе ба адабиёти тоҷики садаи бист» («Садои Шарқ», 1-6, 1998) менависад: «Шеър бо бозҷӯйиҳои таърихӣ барои амиқбурди худогоҳии миллӣ замина омода кардан мехост». Ва парчамбардори ин наҳзат, бешубҳа, Лоиқ буд.

Шеърҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Лоиқро мехонеду дармеёбед, ки шоир ба кӯчактарин масъалаи ҳаёти миллати худ бепарво набудааст. Дар китобҳои таърихии

Тоҷикистон менавиштанд, ки хақи мо дар гузашта бесавод буд, пас аз Инқилоб ҳама савод бар оварданд. Ва Лоиқ ба шӯр меояд:

*Қаҳ! Қаҳ! Қаҳ!*
*Эй кавдан!*
*Эй сагдаҳан!*
*Ту бесаводӣ*
*Ё Рӯдакӣ?*
*Ту бесаводӣ*
*Ё Фирдавсӣ?*
*Ту бесаводӣ*
*Ё Сино?*
*Ё Хайём?..*

Озодие, ки мо барои зан фароҳам овардем ва ӯро бамаротиб зери бори тоқатшикани заҳмату ташвиш вогузоштем, шоирро бетараф намегузорад. Боҳасрат хитоб мекунад: «Магар озод(ӣ) ту, эй зан!» Дар ин бора шеъри хуби шоири рус Евгений Евтушенко низ чоп шуда буд, ки мегӯяд: мо занҳоро ба дараҷаи мардҳо паст фуровардаем! Аммо зани тасвиркардаи Лоиқ зани мушаххаси тоҷик аст, занест, ки ҳанӯз аз ҷаҳли ҳазорсолаи мард халосӣ наёфтааст.

«Бозҷӯиҳои таърихӣ» (М.Шакурӣ) ва ҷасорати эҷодӣ Лоиқро ба кашфиётҳои аҷибе рӯ ба рӯ сохтааст. Дар шеъри «Хоки Ватан», бо такя ба он бовари мардум, ки дар замони пеш ҳар мусофир бо худ як каф хоки Ватанро мебурд, то дар ғурбат бо хоки Ватан бошад, маънии оличанобе офаридааст:

*Тоҷикистон – мазҳари ман,*
*Сарзамини камзамин,*
*Ту саросар кӯҳсорӣ,*
*Ту саросар сангзорӣ,*
*Чунки фарзандони ту дар тӯли таърихи дароз*
*Ҳар куҷо рафтанд, мушти хок бо худ бурдаанд.*

Баъд, шоир барои исботи фикраш ба таърих руҷӯъ ме-кунад:

*Монд дар Табрез бо нашъи Камол,*
*Бо замин омехт, то шуд безавол.*
*Хоки Ҳиндустон зи Бедил дил гирифт,*
*Нашъи ӯ то ҷавидон манзил гирифт.*
*Бурд Сино то Ҳамадон хоки ту,*
*Монд он ҷо мушти хоки поки ту...*

Ёдам ҳаст, дар Мазори Шарифи Афғонистон будам. Ҳар рӯзи сешанбе ба Ҳайратон – бандарест дар муқобили Тирмиз – мерафтам ва интизори киштичае мешудам, ки вай аз он рӯи Омӯ, аз Шӯравӣ, рӯзномаву маҷалла, номаву барқияҳо меовард. Дӯст ва бародари азизам, шоири арҷманд Саидалӣ Маъмур қариб ҳар ҳафта ба ман рӯзномаву маҷаллаҳои Тоҷикистонро мефиристод ва онҳо маро аз бемории «ҷудоӣ» наҷот медоданд.

Ба ман шумораи нави «Садои Шарқ» расид, онро куш о-даву бо шеъри «Хоки Ватан»-и Лоиқ рӯ ба рӯ омадам. Банди аввалро, ки дар боло иқтибос кардаам, хондаму карахт шудам. Шояд асари ғурбат буд, шояд асари сухан, беихтиёр аз чашмонам ашк равона гардид. Ман то ба он лаҳза чунин шеъреро бо чунин мӯҳтаво нахонда будам!

Баъд дар адабиёти ҳаммонанди «Хоки Ватан» шеърҳои зиёде пайдо шуданд. Бозор Собир ҳам шеъре гуфт, ки чунин мисраъҳо дорад:

*Тоҷикистон, Тоҷикистон,*
*Ҳар куҷое рафтам аз оғӯши ту,*
*Доманамро ман такидам раҳ ба раҳ дар ҳар қадам,*
*Пойи худро раҳ ба раҳ то сарҳадат*
*Бар замин афшонда рафтам,*
*Аз паям то кам нагардад заррае хоки камат.*

Ба назари ман, доману по афшондани Бозор қадар шоирона нест. Аммо аз Лоиқ таъсир бардоштааст.

Шеърҳое, ки баъдан Лоиқ ба Аҳмади Дониш, устод Айнӣ, аллома Бобоҷон Ғафуров, ҳофизи мумтоз Акашариф Ҷӯраев, ба китобҳои сӯхта ва ғайраҳо бахшидааст, аз бозёфти мавзӯъ, ҳаллу фасли пурсамари масъала, аз шевоию гироии сухан гувоҳӣ медиҳанд. Ва пайравону муқаллидони бешуморе пайдо кардаанд ва хоҳанд пайдо кард.

Ба ин ду мисраъ ҳам таваҷҷӯҳ фармоед, ки бидуни шарҳ меорам:

*Чу тиллои Зарафшон нестӣ дар ихтиёри ман.*

* * *

*Хизр меҷӯему бар хирсе ибодат мекунем.*

Ва воқеияти рӯзгори моро ин тавр равшану возеҳ тасвир кардааст:

*Аз пунбаи мо чун пираҳан нест,*
*Рӯи сафеде дар ҳамватан нест,*
*Аз пунба фахрем то рӯзи мурдан,*
*Дар рӯзи мурдан аммо кафан нест...*
*Эй вой бар ман, эй вой бар мо!*

Дар бораи бузургдошти забони мо дарӣ то Лоиқ ҳам бисёр гуфтаанд. Аммо ӯ ба зимомдорон, дастандаркорон, сиёсатмадорону давлатмадорон, ки аз «шарофати»-и онҳо забон аз баракати давлат будан маҳрум афтодааст, бо ҳаяҷон хитоб мекунад:

*Заҳр бодо шири модар бар касе,*
*К-ӯ забони модарӣ гум кардааст!*

Далерона, мардона, беҷурьатхотир сухан гуфтан дар шеърҳои маҷмӯаи охирини Лоиқ «Фарёди бефарёдрас» («Адиб», 1997) равшан эҳсос мегардад. Ин шеърҳо, ки боз-тоби бадбахтӣ, кулфат ва хонабардӯшии тоҷикон аст, воқеан фарёди ҷонсӯзест ва бояд ба гӯши миллат бирасад. Ҳарчанд Лоиқ ҷо-ҷо «ман» ва ё «мо» мегӯяд, мухотабаш ҳамон халқ аст. Гоҳо ба назар мерасад, ки шоир аз андоза зиёд халқро мазаммат мекунад, аз ӯ норизо буданашро бо кароҳат иброз медорад, афсӯс мехӯрад, аз бефарҳангии хурду калон ба танг меояд...

Карл Маркс дар замонаш навишта буд, ки ин миллатро (яъне олмониҳоро) хар бигӯед, то ба иззати нафсаш расаду одам шавад!

Дар шеъри «Ману ту»-и Лоиқ омадааст:

*Ту аз ин сӯ, ман аз он сӯй чу сангар кардем,*
*Мулки ғоратзадаро ғорати дигар кардем,*
*Сарварӣ хоставу сарбуриро сар кардем,*
*Хари худро биситудему паямбар кардем.*
*Баски мо худ хари лангем, амон аз ману ту!*
*Ҷумлагӣ вақфи дирангем, амон аз ману ту!*

Чанд мисоли дигар:

*Эй уқоби парканда, миллати пароканда,*
*Пеши ду ҷаҳон гаштӣ шармсору шарманда.*

* * *

*Халқи фарзонапараст шуда девонапараст.*

* * *

*Бар тоҷики ғариб – ғарибӣ диёри хеш –*
*Соҳибмакони бемакон фарёд мекашам.*

* * *

*Эй миллати азим, ки фарзанд мекунӣ,*
*Исо чӣ орзу кунӣ, Марям намондааст.*

* * *

*Субҳе ба тоҷи бесари миллат гиристам,*
*Шоме ба марги мазҳари миллат гиристам.*

* * *

*Зода шуда аз Одам, одам нашудам, афсӯс,*
*Дар олами инсонӣ, олам нашудам, афсӯс.*

Тавассути Лоиқ дар шеъри мо калимаи мураккаби «камонмардон» падид омад:

*Камонмардон!*
*Камон аз дӯш бигзоред,*
*Ба ёди куштагони хештан хомӯш бигзоред!*

Ва, ӯст, ки бо ин камонмардон мардона ва бо ҷасорат мегӯяд:

*Ку шоҳу вазири мо? Ку ақли кабири мо?*
*Кӯрист вазир ин ҷо, зӯрии камон шоҳ аст.*

* * *

*Дар диёри ман, ки ғоратдидааст,*
*Чашми мардум аз камон тарсидааст.*

* * *

*Ситорасӯхтагони диёри хуршедӣ*
*Ба ҳукми чанд камондори бешуур шуданд.*

* * *

*Хондем ҳомиёнамон, дидем – будаанд*
*Ғоратгарони хонумон, эй хок бар сарам.*

* * *

*Дигар фулону чуноне магӯ ба ину ба он,*
*Фулон фулони камону чунон чунони камон.*

Дар бисёр шеърҳои маҷмӯаи «Фарёди бефарёдрас» лаҳзаҳои пурфоҷиаи рӯзгори мо равшану бепарда баён шудаанд:

*Аз бузургӣ чӣ нишон аст дар ин кишвари нур?*
*Дузду қаллобу туфайлихӯру ғаддори бузург.*

* * *

*Дар Душанбе зи шару шӯр замин меларзад,*
*Минбари чанд ҷигаррехта шуд минбари халқ.*

* * *

*Кӯчаҳои пургулро кардаӣ ҳама пурхун,*
*Чеҳраҳои гулгунро кардаӣ ғамоганда.*

* * *

*Шаборӯзон зи ҳар ҷониб садои тир меояд,*
*Ба ҷони одамон талвосаи шабгир меояд.*

* * *

*Шабхун заданду ногаҳон як шаҳри нозанин*
*Пур шуд зи дузди қаҳрамон, эй хок бар сарам!*

...Ёдам ҳаст, дар Шӯрои Олии замон матнҳои озмунии Суруди Миллиро баррасӣ мекардем. Ногоҳ Лоиқ ба оҳанги Суруди Миллии собиқ овоз хонд:

*Чу автомат мадад намуд!...*

Утоқро хандаи ҳамагонӣ фаро гирифт. Ин сухани Лоиқ густохона намояд ҳам, бисёр баҷуръатона буд...

Шеърҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Лоиқ як навъ хитобаҳое ҳастанд, ки ҳадафи иҷтимоиву сиёсӣ ва таърихии марҳилаи муайяни моро пеши рӯ доранд. Ман онҳоро мехонаму мақолаҳои солҳои 20-уми устод Айниро ба ёд меорам. Ӯ ҳам бисёр мехост халқаш зудтар ба худ ояд, бо чашми кушодаву ақли ҳушёр ба сӯи оянда қадам занад.

Аксари муҳаққиқони эронии шеъри тоҷик, аз ҷумла Алиризо Қазва ва Алиасғари Шеърдӯст, шеъри тоҷикро ба шеъри замони машрута ҳамоҳанг донистаанд. Шеъри машрута аз ороишу пероиш кам бархӯрдор аст ва аз ҷавҳари шеърӣ – тахайюл орист.

Ризо Бароҳанӣ дар китоби «Тилло дар мис» (интишороти «Китоби замон», Теҳрон, 1347) ашъори яке аз номитарин шоири машрута Маликушшуаро Баҳорро таҳлил карда мегӯяд: «Баҳор гоҳ-гоҳ шоир аст!»

Мунтақиди эронӣ Маҳмадризо Рӯзбеҳ дар мақолаи «Ғазали машрута» (маҷаллаи «Шеър», №23, 1377) менависад: «Шеъри машрута арсаи ибрози ҳаяҷоноти тунд ва пуршӯр ва сареҳи иҷтимоист. Аз ин рӯ, шеър маҷолро тангтар аз он мебинад, ки бихоҳад ба тахайюлоти жарфи шоирона рӯй оварад».

Шеърҳои сиёсиву иҷтимоии Лоиқ низ пироҳани зебои пероиш ба тан надоранд. Онҳо зодаи **ниёзи иҷтимоиву таърихианд,** то **ниёзи ҳунарӣ**. «Пардохтан ба масоили мубтало ба инсони муосири ҷаҳон муҷиб шудааст, ки шеъри Тоҷикистон аз хасоиси шеърӣ камтар бархӯрдор бошад», менависад Алиасғар Шеърдӯст дар муқаддимаи «Гулчине аз ашъори устод Лоиқ Шералӣ» («Алҳудо», Теҳрон, 1372).

Бунёдгузори шеъри нави Эрон Нимо Юшич дар «Арзиши эҳсосот» навишта буд: «Тоҷикҳо аз афғонҳо

ҷилутаранд... Дар адабиёти форсӣ баёншудаи тоҷик матлаб иваз мешавад, ҳарчанд ки аз лиҳози ҳунарӣ адабиёти он сарзамин самараи норасест, ки сайъ дорад, то дар баён ва қудрати баёни худ муваффақ шуда бошад, аз ҳайси мавзӯъ қобили таваҷҷӯҳ аст».

Солҳое, ки Нимо ин суханҳоро менавишт, дар Тоҷикистон ҳанӯз ашъори навоваронаи Мӯъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Мастон Шералӣ, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулрухсор ва дигарон ба таври бояду шояд арзиҳастӣ накарда буд.

Баъди чанд сол, тақрибан бист сол пеш аз ин шоири арҷманди эронӣ Ахавони Солис дар китоби «Бидъатҳо ва бадоеъи Нимо Юшич» (1357) навишт: «Гӯё ҳанӯз пайғоми Нимо ва пешниҳодҳои бузурги ӯ ба гӯши ҳеҷ як аз ин кишварҳо (Афғонистону Тоҷикистон – Г.) нарасидааст».

Ҳарчанд ман ҷонибдори ақидаи Мирзо Бедилам, ки гуфтааст:

*Сухан хуш аст ба кайфияте адо кардан,*
*Ки маънӣ об нагардад зи нанги урёнӣ,*–

мехоҳам аз муқаддимаи зикршудаи оғои Шеърдӯст иқтибоси дигаре биёварам: «Дар ҳуҷуми бераҳми душманони башар шоир фурсати он намеёбад, то ба пероишгарӣ бипардозад, балки фарёди шикастагии устухони синаро сар медиҳад ва бедорбоши ғорати арзишҳои иқтисодӣ, захоири фикрӣ ва манобеи фарҳангӣ. Дар чунин ҳангомае илтизоми шоир танҳо ба санъатгарӣ на танҳо дуруст наменамояд, балки агар чунин кунад, дар илтизоми вайҷойи шакку тардид аст».

Шояд... шояд...

Чанде пеш китоби шеърҳои шоири навпардози араб Низор Қаббониро ба тоҷикӣ баргардондам. Вай шеъре дорад

бо номи «Байрут». Шумо дар ёд доред, ки Байрут – пойтахти Лубнон – арсаи набардҳои хонаводагӣ буд, чунон ки Душанбеи мо.

Порчае аз ҳамин шеър:

*Эй, зи хобат бархез,*
*Шоҳи ман,*
*Навгули ман, қандили сабзи дили ман,*
*Ай Байрут, бархез!*
*То бимонем ба олам,*
*То бимонему бимонад ишқ!*
*Эй беҳин гавҳари эҳдоии баҳр,*
*Бархез!*
*Мо кунун донистем,*
*Ки чӣ маъно дорад*
*Куштани нағмаи гунҷишк ба ҳангоми саҳар,*
*Шишаи ранг задан бар сари тафсидаи тобистон*
*Ва хурӯш афкандан*
*Зидди шеъру сухану зидди Худо!*

Ин шеър ӯлонист. Афсӯс ки имкони пурра иқтибос кардан нест ва медидем, ки агар каме зҳмат кашем, ҳама гуна шеъри иҷтимоиву сиёсиро орстану перостан му мкин аст!

Бо вуҷуди ин, ҳар чӣ Лоиқ дар ин равия гуфт, дар миёни ҳама шеърҳои иҷтимоиву сиёсии адабиёти мо беҳтаринанд. Зеро дар онҳо қудрати суханварии шоир таҷассум аст.

Бигзор зангӯлаи бедории Лоиқ ҳамеша занг занад:

*Чун дар саҳро тухми ифтихор намекоред,*
*Саҳро саҳрои шумо нест,*
*Чун кӯҳатон ганҷи маънавӣ намедиҳад,*
*Кӯҳ кӯҳи шумо нест.*
*Чун пойтахтатон тахти забон надорад,*

*Забон забони шумо нест.*
*Чун дар осмонатон ахтарбастаед,*
*Осмон осмони шумо нест.*
*Чун шумо худро нашинохтед,*
*Шумо касе ҳам нестед.*
*Дар миёни хирманҳои бедон*
*Хасе ҳам нестед...*

# ЛОИҚ ВА СУРУД

Чун Лоиқ ба сурудани ғазал шурӯъ намуд, аксари овозхонон шеъри ӯро ба даст оварда оҳанг месохтанд ва замзама мекарданд.

Мактаби сурудофаринии Тоҷикистон такя бар ғазал дорад. Агар ба барномаҳои ҳофизонамон таваҷҷӯҳ фармоед, хоҳед дарёфт, ки ҷойи густурдатарро ғазал ишғол мекунад. Ва ин суннат аз гузашта ба мо мерос мондааст. Сурудҳои Шашмақом низ асосан аз ғазали шоирони бузург иборат аст. Агар гоҳ-гоҳ матн дигар шудааст, бояд донист, ки ғазале ғазали пешинаро иваз кардаасту бас.

Ғазалҳои Лоиқ, ки равон, зебо, хушоҳанг ва пурмӯҳтаво буданд, ҷойи сурудҳои қаблиро гирифтанд.

Зикр кардан ҷоиз аст, ки дар кишварҳои ҳамзабони мо суруд намуди вижаи адабист ва аз ғазали шоирон кам андар кам истифода мешавад. Албатта, сухан аз мусиқии суннатӣ нест. Дар Эрон сурудҳои суннатӣ, аз ҷумла дар мактаби Шаҷараён, такя бар ғазали нобиғагони адабиёт дорад. Аммо мусиқии сабук ва ё эстрадӣ, ки дилу дидаи имрӯзиёнро тасхир кардааст, ба матнҳои вижа ниёз дорад. Шодравон Муҳиддин Олимпур дар китоби «Гугуш», ки соли 1995 дар Душанбе ба чоп расидааст, намунаҳое аз сурудҳои ин овозхони номии Эронро овардааст. Матнҳои мазкур асосан дар пайравии таронаҳои халқӣ, бо гӯиши маҳалҳои гуногун офарида шудаанд ва аз шеъри «ҷиддӣ» тафовут доранд.

Чанд мисол. Аз суруди «Медунам»:

*Бе ту боз парандаҳо*
*Ба зери борун мешинан,*
*Кабӯтаро хаста мешан,*
*Меён, тайи айвун мешинан.*

Аз таронаи «Дига ашкам...»:

*Кошкӣ торикӣ мерафт, фардо мешуд,*
*Субҳ мешуд, чашмони ту пайдо мешуд.*
*Лабони ту бо қиссаи ишқ*
*Мисли гулҳои баҳорӣ во мешуд.*

Чунин матнҳоро дар сурудҳои овозхонҳои овозадори эронӣ Фаттона, Лайло Фуруҳар, Андӣ, Саттор, Аҳдия, Муин ва дигарон, ки ба мусиқии сабук дилбастагии комил доранд, метавон пайдо кард.

Бубинед, шеъри шоирони бузурги имрӯз Фурӯғи Фаррухзод, Нодири Нодирпур, Исмоили Хӯӣ, Ахавони Солис, Аҳмади Шомлу... суруд нашудаанд. Ҳатто ғазалҳои Шаҳриёр, Фаридуни Таваллулӣ, Симини Беҳбаҳонӣ, Муҳаммади Қаҳрамон... ба тарона табдил наёфтаанд. Ғазалҳои онҳоро дар Афғонистон Аҳмад Зоҳири ҷавонмарг тараннум мекард. Воқеан вазъи суруд дар Афғонистон чун дар Тоҷикистон аст. Дар миёни таронаҳои зебои Аҳмад Зоҳир, Зоҳир Ҳувайдо, Маҳваш ва чанд тани дигар гоҳ-гоҳ матнҳои вижа ба назар мерасанд. Шоири ришсафеди афғон Аҳмади Адо, ки аввали солҳои навадум дар Душанбе иқомат мекард ва тавассути ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» чанд дафъа сабқати ғазалсароӣ ташкил дода буд (дар омади гап бояд зикр кунам, ки Лоиқ бо ҷавобияи ғазали «Дарё» ба дарёфти ҷойи аввали яке аз сабқатҳои устод Адо мушарраф гардида буд), ба ман гуфт, ки бо хоҳиши Аҳмад Зоҳир борҳо барои сурудҳояш матн сохтааст.

Дар адабиёти рус истилоҳи «шоири суруднавис» роиҷ аст ва ин мактаб собиқаи дурахшон дорад.

Тарона намуди мустақили адабист, ки дар адабиётҳои дигар муваффақона нумӯ мекунад ва дар Тоҷикистон акнун шакл мегирад.

Ин нақзатро Аминҷон Шукӯҳӣ басо зебову гиро ибтидо бахшид ва сарчашмаи илҳоми ӯ мактаби суруднависии рус

буд. То зуҳури Лоиқ барномаи ҳофизони мо аз таронаҳои дилнишини ин шоири барӯманд (дар нисбати замонаш) иборат буд. Шукӯҳӣ зарбу оҳанг, калимаву ибора, ташбеҳу истиора, вазну қофияи вижаи сурудро ба истифода гирифт ва суханаш ба таронаи дилангези мардум мубаддал шуд. Ба ёд овардан бад нест, ки вай маҳз барои силсилаи сурудҳояш ба дарёфти Ҷоизаи адабии давлатии рӯдакӣ ноил гардидааст.

Ба чанд мисол таваҷҷӯҳ фармоед:

*Биё, биё, умеди ман,*
*Кабӯтари сафеди ман.*
*Хаёли ман ба сӯи ту,*
*Ду дидаам ба рӯи ту.*

**«Кабӯтари сафеди ман»**

*Аз ҳар канора*
*Бар мо дубора,*
*Эй моҳи ҳинду,*
*Бинмо назора.*

**«Моҳи ҳинду»**

*Вақти гули шафтолу,*
*Гули шафтолу,*
*Дидам қаду басти ту,*
*Дидам қаду басти ту.*
*Толеи сафед*
*Дар рӯи ту буд,*
*Чашмам ба умед*
*Бар сӯи ту буд.*

**«Гули шафтолу»**

Дил бисёр меҳоад, ки ин сурудҳо имрӯзу фардо фаромӯш нашаванд ва овозхонҳои ҷавон пайваста ба онҳо муроҷиат кунанд, истифода баранд, омӯзанд.

Аминҷон Шукӯҳӣ, чун шоири суруднавис, ҳамеша ҷадал дошт, ки ин мактаб тавсиа ёбад, шоирони забардасти таронасаро ба майдон оянд, матнҳои зебову пурмӯҳтаво оф а-ранд ва мардумҳамеша соҳиби сурудҳои нав ба нави худ бошанд. Ба ташаббуси шахсии ӯ дар ибтидои солҳои 80 маҷлиси махсуси Садорати (Пленуми) Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон масъалаи сурудро баррасӣ кард, ки дар кори он ҳофизон ва оҳангсозони ҷумҳурӣ низ ширкат доштанд. Шукӯҳӣ, ки сухангӯи асосии ин ҷамъомад буд, матнҳои бефурӯғи бисёр сурудҳоро мазаммат кард ва шоиронро даъват намуд, ки барои халқи худ таронаҳои шо иста нависанд, бо оҳангсозону овозхонон ҳамкории пурс амар дошта бошанд.

Баъди ҳамин даъват чанд тан шоирони мо ба эҷоди матни суруд рӯ оварданд ва намунаҳои беҳтарин дар матбуот, аз ҷумла дар маҷаллаи «Садои Шарқ», ба табъ рас иданд. Таронаҳои зебои Бозор Собир «Шаби Файзобод», «Бӯса ба дунё задам», «Дарё тӯву дарё манам», «Биншин ба рӯи чашми ман» ҳамон солҳо пайдо шуданд.

Дар ин миён Лоиқ, чун шоири парчамбардор, миёнро маҳкамтар баст ва дар офаридани матни сурудҳо пештару амиқтар рафт. Вай мактаби суруднависии Шукӯҳиро та к-мил дод, чун шоири тавонотару расидатар буд, ба сухан болу пари осмонгир ато кард. Шеъри равону ҷаззоб, ибор а-ву таркибҳои ширини гоҳ кла ссикиву гоҳ халқӣ, за рбу оҳанги ба давру замон мутобиқ, маъниҳои дилангезу х о-тирнишин сурудҳои ӯро маҳ буби хурду калон гардонид. Акнун оҳан гсозону овозхонон бо ташнагии фавқулодда ба шеъри ӯ муроҷиат мекарданд, дар саросари Тоҷикистон таронаҳои ӯро месуруданд.

Лоиқ ин шеърҳоро таҳти унвони «Дастагули тарона» дар маҷмӯаи шеърҳояш «Хонаи дил» («Ирфон», Душанбе, соли 1986) ҷо додааст ва мо онҳоро бо оҳангҳои гуногун ҳар рӯз борҳо гӯш мекунем.

Биёед, чанде аз онҳоро бо ҳам ба ёд орем:

*Хосияти дукокула,*
*Ба рӯм задӣ шохи гула,*
*Ба рӯм задӣ шохи гула,*
*Куштӣ ҳазор булбула.*

**«Хосияти дукокула»**

*Дил ҷудо, ақл ҷудо, дида ҷудо ошиқаме,*
*Ба худо, ошиқаме, ба худо, ошиқаме!*

**«Ошиқаме»**

*Сапеда медамад, ёрам, сапеда,*
*Намирам, кошкӣ, рӯят надида.*

**«Сапеда»**

*Бо ҳам бисозед, эй дӯстдорон,*
*Хазон мерезад аз шохсорон,*
*Хазон мерезад,*
*Хазон мерезад...*

**«Хазонрез»**

*Ошиқи чашми туам, эй ҷони ҷони ҷони ман,*
*Беҳтарин, шевотарин, зеботарин армони ман!*

**«Бахти сафед»**

Барои ҳар суруд нақароти шинаму мувофиқ бисёр муҳим аст. Боре Лоиқ гуфт, ки нақароти «Сапеда медамад, ҷонам, сапеда»-ро солҳо дар хотир гардонидааст, то ахиран суруди мазкур ба миён омадааст.

Вай аз таронаҳои халқӣ устодона истифода мекунад («Санаме, санаме, дара бикшо, манаме»), калимаву ибораҳои зебо месозад («Ман фидои нозболини туам // Ман гадои нози ширини туам»), воситаҳои тасвири бад еи-

ро моҳирона ба кор мебарад («Бе ту набуд ранге // Дар гулшани баҳорам // Бе ту набуд барге // Дар боғи рӯзгорам»), мутобиқи зарбу оҳанг нақарот меофарад («Хандиданош, болиданош, нозиданоша бинед // Чархиданош, печиданош, ларзиданоша бинед») ва ғайра.

Зеботарин таронаи Лоиқ «Дарё», ки аз ҷониби шодравон Хурмо Ширинова бемислу монанд суруда мешуд (афсӯс, ки дигаре «Дарё»-ро ба ин ҷаззобӣ намесарояд ва ҷо дорад, ки суруди мазкур аз нав садо бидиҳад), бо мисраъҳои дарозу кӯтоҳ навишта шудааст ва инҳам барои оҳангсоз ва ҳам барои овозхон мушкилоте халқ мекунад.

Соҳиби оҳанги ин суруд Фаттоҳ Одинаи фарзона ба ман гуфт, ки шеъри «Дарё»-ро солҳо дар ҷайби худ гирифта мегаштам, зеро аз он бисёр хушам меомад, дар ниҳояти кор оҳангашро пайдо кардам».

*Бе худ равонӣ, дарё,*
*Пирӣ чу дунё,*
*Чун ман ҷавонӣ, дарё, чун ман ҷавонӣ...*

Имрӯз, ки аз саҳна, аз радиову телевизор пайваста сурудҳои бефурӯғу бемаънӣ садо медиҳанд, афсӯс метавон хӯрд, ки мактаби сурудофаринии Шукӯҳиву Лоиқ пайравони шоистаи худро пайдо намекунад, суруд аз ҳисор и қаламбадастони беҳунар берун намеравад, завқи овозхонҳои навбаромад коҳидааст ва онҳо ба эҷоди арзишманди шоирони барӯманд руҷӯъ намекунанд.

Лоиқ дар суруди «Ҷоми дигар» барҳақ гуфтааст:

*Эй, ки ғафлатзадаӣ,*
*Ошиқӣ мегузарад,*
*Аз раҳи шеъру суруд*
*Лоиқе мегузарад.*

# ЛОИҚ ВА ТАРҶИМА

Агар тарҷимаи баъзе асарҳои илмиву фалсафӣ, таърихиву ҷуғрофӣ, ривоятиву ахлоқиро, ки дар асрҳои гузашта сурат гирифтаанд, сарфи назар кунем, бо итминон метавон гуфт, ки мактаби тарҷима дар адабиёти мо баъд аз Инқилоби Уктубар ба миён омадааст. Дар замони Шӯроии тараққиёти адабиёти тоҷик шиорҳои «Дӯстии адабиётҳо – дӯстии халқҳо», «Барои адабиёти шаклан милливу мазмунан сотсиалистӣ» муҷиби пешрафти бес обиқаи тарҷима гардиданд. Дар Тоҷикистон адибоне пайдо шуданд, ки кори шахсии эҷодӣ надоштанд ва танҳо ба тарҷима машғул буданд. Ҳасан Ирфон, Эм.Муллоқандов, Раҳим Ҳошим, Ҳабиб Аҳрорӣ, Нусур Холмуҳаммадов, Шамсӣ Собир, Шариф Шараф, Ҷумъабой Азизқулов, Абдулло Зокир ва чанд тани дигар беҳтарин осори адибони халқҳои бародар ва ҷаҳонро ба тоҷикӣ бармегардониданд. Дар ин кори савоб нависандагони чирадаст Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Фазлиддин Муҳаммадиев ба онҳо ҳамдастӣ мекарданд.

Аммо дар ҷабҳаи шеър, агар фаъолияти каммуваффақияти Аслам Адҳамро ба ҳисоб нагирем, адиберо наметавон дарёфт, ки танҳо ба тарҷимонӣ машғул бошад. Аз устод Лоҳутӣ сар карда, то Ҳабиб Юсуфиву Мирзо Турсунзода, Муҳиддин Аминзодаву Фарҳат, Суҳайливу Раҳимӣ – ҳама гоҳ-гоҳ ба тарҷима даст мезаданд.

Солҳои 60-ум, баъди нафаси тоза пайдо кардани шеъри тоҷик, тарҷима ба манзалати болотаре расид. Чун шоирони ҷавон, мисли Ғаффор Мирзову Мӯъмин Қаноат, Қутбиву Мастон, Лоиқу Бозор, Ҳабибулло Файзуллову Гулрухсор дар гуфтани шеър чирадасттар буданд ва истеҳкоми сухан а-

нашон муассиртар буд, тарҷимаҳои онҳо низ аз ҳар ҷиҳат фарқ мекард. Онҳо ба адабиёти пешқадами ҷаҳон бештар ошноӣ доштанд, беҳтарин осори адибони овозадори қитъаҳои оламро ба тоҷикӣ мегардониданд ва аз онҳо меомӯхтанд. Ғаффор Мирзо – Шандор Петефиро, Мӯъмин Қаноат – Фридрих Шиллерро, Қутбӣ Киром – Шекспирро, Мастон – М.Лермонтовро ба хонандагони тоҷик шинос карданд.

Ҳанӯз маҷмӯи аввалини Лоиқ «Сари сабз» ба табъ нарасида буд, ки «Савтҳои Форсӣ» -и Сергей Есенин «Ирфон», Душанбе, с.1965) дар тарҷимаи ӯ ба ҳаводорони шеър эҳдо гардид. Даставвал намунаҳои ин тарҷима бо дастгирии устод Мӯъмин Қаноат дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба табъ расид. Вақте ки «Савтҳои Форсӣ» дар шакли маҷмӯаи алоҳида чоп шуд, Лоиқ дар аскарӣ буд ва хабар надошт, ки Сергей Есенини тоҷики ӯ чӣ шӯру қиёме дар миёни дӯстдорони шеър ба амал овардааст.

Он солҳо шеърҳои пуршӯр ва ҳузнангези С.Есенин на ба ҳама дастрас буд. Осораш, ҳатто, ба русӣ ҳам, кам андар кам бо зевари чоп ороста мешуд.

Ин маҷмӯаи кӯчак аз даст ба даст мегашт, дар забони ошиқон шеъри Есенин буд, шоири рус ҳамдарди дилдодагони тоҷик гардид.

Лоиқ хидмати бузург кард, ки Есенинро ба тоҷикӣ гардонд, аз ӯ сурудани ишқияҳои пурсӯзу гудозро омӯхт, равияи зеботару гиротари ишқсароиро ба миён овард, дигаронро низ аз дунболи худ бурд.

Дар пешгуфтори яккилдаи С.Есенин «Гулафшон», ки соли 1977 нашриёти «Ирфон» аз чоп баровардааст ва тарҷимаҳои Лоиқу Бозорро фароҳам меоварад, муҳаққиқ Абдунабӣ Сатторов барҳақ нигоштааст: «Таҷрибаи тарҷимаи ашъори латифи шоири рус С.Есенин барои шоирони тоҷик, аз ҷумла Лоиқ ва Бозор Собир, ба мактаби ҳақиқии омӯзиши адабӣ табдил ёфтааст ва дар навбати худ

ба воситаи ҷодиёти навпардозонаи онҳо назми му осири тоҷикро бой гардонида, бунёди реалистии онро боз ҳам мустаҳкамтар намудааст».

Дар «Гулафшон» тарҷимаҳои Бозор Собир на ҳамеша ба асл қаробат доранд. Аммо забонаш нарму самимист. Иборави таркибҳое, ки вай сохтааст, ба табиати шеъри Есенин созгоранд ва хонандаи тоҷик пай намебарад, ки онҳо оф аридаи Бозоранд.

Чанд мисол:

*Ҳарфи ман чун гадоӣ бебаракат,*
*Шир-шири бодаки хазонрӯбест.*

**«Авбош»**

*Баргҳоро бубин, ба шеваи талх*
*Байти ғамнок мекунанд эҷод.*

**«Барои Мариенгоф»**

*Зодгоҳам дар назар монанди ман бечора аст,*
*Кишти ин саҳрои бебар донаҳои шабнаманд.*
*Лек ҳар як мушти хокаш бӯи одам мекунад,*
*З-ин сабаб аз диданаш сӯзи дилам гардад баланд.*

**«Талх механдам...»**

*Мезанад дум, мезанад сум,*
*Медавад, ёлаш парешон,*
*Аспи раҳвори хазонрез.*

**«Тирамоҳ»**

Иборави таркибҳои «ба шеваи талх байти ғамнок эҷод кардани барҳо», «шир-шири боди хазонрӯб», «суму дум задани аспи раҳв ори хазонрез», «кишти саҳро – донаҳои шабнам», «бӯи одам кардани ҳар мушти хок» ва ғайра ҳама сохтаи Бозорҳастанд ва чӣ зебоянд! Мо чунин иборави

таркибҳоро дар шеъри худи ӯ низ борҳо дидаему хондаем. Шеъри Бозор, ки хаёлангези ҳузновар аст, бо табиати шеъри Есенин ҳамоҳангӣ дорад ва гумон мекунам, ки ҳангоми тарҷима ӯро душворие пеш наомадааст.

Лоиқ ҳам иқрор кардааст, ки (дар ҳамон пешгуфтор) тарҷимаи Есенин барояш илҳом будааст. Вай тақрибан дар ҳама ҷо зарбу оҳанг, мазмун, кайфият ва шакли шеъри Есенинро ҳифз кардааст. Гуфтаи машҳури Бернард Шоу ба ёд меояд, ки фармудааст: «Тарҷима мисли зан аст. Агар зебост, вафодор нест, агар нозебост, вафодор аст». Аммо Лоиқ ҳам зебо тарҷима кардааст ва ҳам аз асл дур нарафтааст. Мисраи «Шаганэ ты моя, Шаганэ» дар тарҷимаи шоири тоҷик ин тавр садо медиҳад: «Ту эй Шоҳона, эй Шоҳонаи ман» (Дар қавсайн зикр кунам, ки дар чопи аввали «Савтҳои форсӣ» Лоиқ Шаганэро Шоҳина тарҷима карда буд. Чун дарёфт, ки дар Эрон чунин ном роиҷ нест, дар чопи нав онро ислоҳ кард, яъне ба Шоҳона иваз намуд).

Худи Лоиқ борҳо мегуфт:

– Бубинед, мисраъҳои Есенин чӣ тавр айнан ба тоҷикӣ садо медиҳанд: «Голубая Родина Фирдуси» – «Ватани нилгуни Фирдавсӣ», «Эта улица мне знакома» – «Ин кӯча ба ман шинос бошад».

Мо низ, ки каму беш бо тарҷумонӣ иштиғол доштем, чун матни душворе пеш меомад, чизе аз худ мебофтем. Ва чунин ҳолатро дар аксари тарҷимаҳо дидаем.

Аммо Лоиқ шабу рӯз ҷустуҷӯ мекард, таркибу ибораҳои ҳамвазну ҳаммаъноро ба даст меовард.

Дар сӯҳбате ба ман гуфт:

– Ҳангоми тарҷимаи мисраи Есенин «Гори, звезда моя, не падай» хеле азоб кашидам. Ногоҳ ба байти халқӣ дучор омадам, ки ин аст: «Ситора будам, аз осмон канда шудам // Ман духтари беоча будам, ганда шудам». Барои ман «канда шудани ситора» ҷолиб буд. Ва Есенинро чунин тарҷима кардам: «Шӯъла зан, ахтари ман, канда машав».

Чун сухан аз табъи нооком ва ковишгари Лоиқ рафт, мехоҳам гуфтаи дигари ӯро ёдовар шавам:

– Дар як шеъри Генрих Гейне сухан аз ҳилоли сари гӯр меравад. Ман метавонистам «полумесяц»-ро ҳилол тарҷима кунам. Аммо лозим буд, ки истилоҳашро пайдо кунам. Чанд сол тарҷима нотамом монд. Рӯзе бо дони шманди зиндаёд Иброҳим Раҳматов (дар идораи Энсиклопедияи тоҷик кор мекард) аз ҳамин хусус гап кушодам. ӯ дарзамон гуфт: «Онро дар истилоҳ «маҳча» меноманд».

Албатта, шеъри шоири хориҷи дигарро, ки парвардаи суннату ҳолатҳои равонии дигар аст, айнан ба забони худ гардонидан кори чандон осон нест. Дар бори тарҷима адабиётҳои кишварҳои дигар, ҳатто дар Эрон, шеърро мансур тарҷима мекунанд. Ҳамон «Савтҳои форсӣ» -и С.Есенин мансур ба форсӣ гардонида шудааст.

Шеърро аз рӯи қоидаву қонуни шеър, боҳамон зарбу оҳанг ва тарзи қофиябандӣ баргардон кардан аз таҷрибаи мактаби тарҷимонии рус аст ва мо, ки парвардаи мактаби мазкур ҳастем, чунин тарҷима дар адабиёти тоҷик обрӯю эътибор дорад.

Лоиқ бо камоли суханварӣ ва шоирии худ ҳамчунин ашъори А.С.Пушкин, Гӯте, Уолт Уитмен, Пабло Неруда, Расул Ғамзатов, Михаил Светлов, Эдуардас Межелайтис, Евг.Евтушенко ва дигаронро ба тоҷикӣ гардонидааст.

Ҳар шоир, ҳангоми тарҷима, шеъри шоири дигарро ба дараҷаи шеъри худ ё мебардорад ва ё паст мекунад. Есенини Лоиқ худи Лоиқ аст. Агар Шукӯҳӣ тарҷима мекард, Есенин ба ӯ монанд мешуд. Ё ба каси дигар.

Ҷойи таассуф аст, ки имрӯз, дар рӯзгори мушкили мо, мактаби бузурги тарҷима аз байн меравад. Хеле афсӯс, ки имрӯз шоирони забардасти моро ба тарҷимаи осори бузургони олам вонамедоранд.

Шиори «Гуфтугӯи фарҳангҳо», ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид матраҳ гардидааст, бидуни тарҷима бор

нахоҳад овард. Дар инзиво мондан, манзури халқҳои дигар нагаштан, аз таҷрибаи адабиётҳои дигар наомӯхтан адабиётро камфуруғу камравнақ мегардонад. Вақт аст, ки сари ин масъалаи мубрам андеша кунем.

Ҳоло намехоҳам ин боб бо чунин оҳанги маҳзуну гилаомез ба поён расад ва аз «Савти форсӣ» -и тарҷимаи зебои Лоиқ порае ба хонандагон эҳдо мегардад:

*Дар кишвари шоми заъфаронӣ*
*Дар боғ ба ҷилваанд гулҳо.*
*Савте бисрой, ёри ҷонӣ,*
*Савте, ки суруда буд Хайём.*
*Дар боғ ба ҷилваанд гулҳо.*

*Ғарқ аст ба нури моҳ Шероз,*
*Ҷӯшида дар осмон ситора.*
*Ояд бадам аз ниқоб, к-онро*
*Пӯшанд ба рӯи моҳпора.*
*Ғарқ аст ба нури моҳ Шероз...*

# ДАР БОРАИ СЕ ШЕЪРИ ЛОИҚ

## 1. БА МОДАРАМ

Шеър бо чунин мисраъҳо оғоз меёбад:

*Ба кунҷи сандалӣ биншаста шабҳо, модари пирам,*
*Ту шояд ҷомаи домод(ӣ) медӯзӣ ба сад ният,*
*Ки рӯзи тӯй дида бар қади ман, бишканӣ ормон,*
*Бубинӣ то ба ранги нав, ба ҳусни нав ҷавоният.*

Ин пора моро аз кӯчаҳои пуродаму пурмошин, аз хонаҳои ороставу гарму равшани шаҳр ба ёди манзили дурдасте мебарад, ки «домани гардун «ба гирди деҳа» бичаспида, «роҳи нияту азми ҷаҳонгардии» модарро бастааст.

Модар пир шудааст, ҳаёташ дар гуселу зиндагӣ тай шудааст, вай ба зери болини кӯдак Ҳафтяк гузошта парваридааст, шоҳбозони худро ба майдонҳо, ба користонҳо, ба сӯи ободгариву зебоиофариҳо гусел кардааст. Модар, ки «ибтидои ибтидоҳост», танҳо барои худ заҳмат намекашад: «Сано бодо ба он гул, ки барои даҳр бишкуфта».

Чаро ин шеър, ки аз аввалин сурудҳои Лоиқ аст, дар ёди мо мондааст?

То Лоиқ ҳазор андар ҳазор шеър дар васфи модар суруда шудааст. Дар адабиёти тоҷик, дар адабиёти форси забонон – дар Эрону Афғонистон – намунаҳои барҷастаи шеъри модарро метавонем пайдо кунему бихонем.

«Модарнома»-и Эраҷ Мирзо, бавижа мисраъҳои зерро хурду калон медонанд:

*Гӯянд, маро чу зод модар,*
*Пистон ба даҳон гирифтан омӯхт,*

*Шабҳо бари гоҳвораи ман*
*Бедор нишасту хуфтан омӯхт.*
*Як ҳарфу ду ҳарф бар забонам*
*Алфоз ниҳоду гуфтан омӯхт.*
*Дастам бигирифту по ба по бурд,*
*То шеваи роҳ рафтан омӯхт...*

Дар ин шеъри шево ва зебои Эраҷ Мирзо хидматҳои умумии модар номбар ва васф шудаанд. Ва ин сифат тақрибан дар ҳама модарномаҳо меоянд ва шеърҳоро ба ҳам монанд кардаанд. Худи Лоиқ ҳам баъдтар шеърҳои зиёде эҷод кард ва бо номи «Дасти дуои модар» чоп кард. Ҳарчанд дар миёни онҳо шеърҳо, мисраъҳо, пораҳо, ташбеҳу истиораҳои Лоиқона зиёданд, аксари онҳо аз нишон додани хусусиятҳои умумии модарон иборатанд: Масалан дар «Қасидаи модар»:

*Сад ҷону дил фидои як муддаои модар,*
*Фатҳу кушоиш орад дасти дуои модар.*
*Бишнид гар садоям дунёи сахтгӯшон,*
*Ангезаест шояд аз аллаҳои модар.*
*Гар шеъраке сурудам аз буду аз набудам,*
*Дар тиннатам сиришта сӯзу навои модар...*

Ва ё дар шеъри «Волотар аз ҳама»:

*Як дами ҷон костани модарон*
*Беҳ зи ҳама мӯъҷизи пайғамбарон.*
*Як нигаҳи шӯълавари модарон*
*Беҳ зи ҳама анҷумани ахтарон.*
*Як сухани бонамаки модарон*
*Беҳ зи ҳама ҳикмати донишварон...*

Аммо дар шеъри «Ба модарам» ҳама чиз мушаххас аст, аз чини рӯю чашми камбин, аз қарси сафеду худо гуфтанҳо сар карда, то пухтани кулчаи ширмол – ҳама моли модари тоҷик аст! Танҳо ӯст, ки «ба кунҷи сандалӣ биншаста шабҳо», «даруни кулбаи пасти назарногири пур аз дуд» барои фарзандон ҷомаи домодӣ медӯзад.

Шеър боҳамин бозёфти шоирона – **ҷомаи домодӣ** – шурӯъ мешавад ва боҳамин анҷом меёбад. Аммо ҷомаи домодии ҷамъбаст мафҳуми густурдатар дорад ва Лоиқ тавонистааст модари тоҷикро «аз кулбаи пасти назарногираш» берун орад ва ӯро модари тамоми оламиён ҷилва диҳад:

*Агар дасторхону ҷомаи нав дӯз(ӣ) бо уммед,*
*На танҳо баҳри ман, баҳри ҳама*
*фардоиён ҳам дӯз!*

Устод Боқӣ Раҳимзода ҳамеша мисраъҳои зери «Ба модарам»-ро мисол оварда, лаззат мебурданд:

*Суруди ҳузн-ангези қадимиро махон, модар!*
*Дилатро бо суруди аввалини ман даме афрӯз!*

Ин шеър аз бандҳое иборат аст, ки ҳар кадом бо мисраъи озоди беқофия ҷамъбаст мегардад.

Масалан:

*Ту ҳоло дар дами пирӣ нафасҳои пасинатро*
*Ба нақши гул, ба рӯи сӯзаниҳо сабт месозӣ.*
*Дурахши охирини чашми худро дар дили шабҳо*
*Барои субҳи фардо ҳадя месозӣ, сарфарозӣ.*

Ва мисраъи ҷамъбастӣ ин аст: «Гулу нуру шарофат ёдгор аз ту, аё модар!»

Ба назар чунин мерасад, ки аз хурӯҷи ҳиссу ҳаяҷон шоир нафасгардон мешавад ва мисраи охиринро ҳамчун фарёд аз дил берун мекунад.

Чанде аз ин мисраъҳо:

*Ба он дастони ларзони шарафмандат*
*бимирам ман!*

* * *

*Чӣ дунёест дунёи умеди ту, аё модар, аё модар!*

* * *

*Чӣ дорад олами дар худ ниҳони ту,*
*аё модар, аё модар!*

* * *

*Ғанимат дон насиби вопасинатро,*
*саломат бош, аё модар, аё модар!*

Ба он қисмате, ки дар боло аз шеърҳои «Қасидаи модар» ва «Волотар азҳама» мисол овардам, таваҷҷӯҳ фармоед, забони онҳоро бо забони шеъри «Ба модарам» муқоиса кунед, хоҳед дарёфт, ки дар шеърҳои баъд Лоиқ **бисёр суханвар** аст, аммо дар «Ба модарам» **бисёр шоир**.

«Ҷомаи домодӣ», ки бозёфти шеъри Лоиқ аст, дар шеъри дигари ӯ «Суруди хайрбод» хеле хуб истифода шудааст: Қаҳрамони лирикии шоир дар майдон, пеш аз марг, хаёлан бо наздиконаш хайрбод мегӯяд ва ба забон меорад: «Ҷомаи домодии манро ту пӯш, эй додарам!»

Ва ин мисраъ бо мисраи «На танҳо баҳри ман, баҳри ҳама фардоиён ҳам дӯз!»-и «Ба модарамӣ чи қадар ҳамоҳанг ва ҳаммаъност!

Лоиқ дар шеъри «Ту куштӣ шоири қодирсуханро», ки

солҳои охир навишта шудааст, марҳилаҳои мушкили роҳи эҷодии адибонро ба ёд оварда мегӯяд:

*Замоне ӯ зи ожанги ҷабини пиразан шеъре бигуфт,*
*Алъон варо хондӣ ба пеши хеш ҳамчун довари даврон:*
*«Магар кампири Шӯро бар ҷабин ожанг ҳам дорад?*
*Чӣ кам дорад?*
*Ки ин сон дарду ғам дорад?»*

Гумон мекунам, ки барои Лоиқ ҳам гуфтани шеъри «Ба модарам» осон набуд. Бӯа низ метавонистанд бигӯянд: Магар модари тоҷик дар кулбаи пасти назарногири пурдуд зиндагӣ мекунад?!

Ёд дорам, шоири баноми ӯзбек Абдулло Орифов дар шеъре хитобан ба модараш гуфта буд: «Эй модар! Гози Ватани ту ба Сибиру Урол рафт, аммо ту ҳанӯз тапак месӯзӣ!» Ба сари шоири бечора чӣ ғавғое ба по шуда буд!

Боз меоем сари ҷасорати эҷодии Лоиқ. Худоро шукр, ки ӯ ва мисли ӯҳое пайдо шуданд ва дар шеъри мо воқеияти зиндагӣ мавқеъ пайдо кард, вагарна ояндагон ба ҳоли мо зор механдиданд...

*Кунун имрӯз фарзандат –*
*ҷигарбандат ҳунар омӯхт,*
*Ки ёбад нони беминнат.*
*Ба номат дафтаре бикшод,*
*Дуои хайр гӯ, модар!*

## 2. ШИОР

Ин ғазали Лоиқ аввалин маротиба бо ҳамин унвон дар «Садои Шарқ» ба табъ расида буд ва ман онро бо ҳамин ном овардам. Шояд радифи «Зинда бод» ба муаллиф талқин кардааст, ки ғазалашро чунин номгузорӣ кунад. Аммо воқеият он аст, ки ғазали мазкур шиор нест, саропо шеър аст, шеъри зебой ва болундагӣ.

Дар аксари ғазалҳои Лоиқ ваҳдати мавзӯӣ ҳифз мешавад. Дар «Шиор» ҳар байт сари худ истиқлол дорад, аммо миёни байтҳо умумияте ҳаст, ки ман онро ситоиши зебоӣ меномам. Ва матлаъ ин аст:

*Ёдгори Айниву ин кӯҳсорон зинда бод!*
*Шеъри Турсунзодаву ин обшорон зинда бод!*

Чаро шоир «Шеъри Турсунзодаву ин кӯҳсорон» намегӯяд ё баръакс, «ёдгори Айниву ин обшорон» наменависад. Лоиқ медонад, ки ёдгори Айнӣ чун кӯҳсорони мо бузургу побарҷо ва ҷовидон аст, Лоиқ медонад, ки шеъри Турсунзода чун обшорон нозук, пурнаво ва пуршукӯҳ аст. Наср кӯҳ аст, шеър обшор аст, аммо обшор ҳам зодаи кӯҳ аст ва ҳарду дар ҳамбастагӣ ҳамдигарро комил мекунанд.

*Ғунчаҳои пахта механдад зи хандо-хандашон,*
*Хандаҳои духтарон дар пахтазорон зинда бод!*

Бубинед, миёни байти матлаъ ва байти дуввум гӯё муносибате нест. Лоиқ ёдгори Айниву шеъри Турсунзодаро зинда бод мегӯяд ва баъд хандаҳои духтаронро. Яъне, зебоиро зинда бод мегӯяд ва чунин ситоиши зебоӣ дар мисраъҳои баъдина ҳам равшан аст.

Аз хандаҳои духтарон ханда омӯхтани ғунчаҳои пахта

бисёр шоирона аст. Лоиқ дар чанд шеъраш дар пахтазор азият кашидани духтари тоҷикро мазаммат кардааст.

Дар «Шеъри сафеди «тиллои сафед»-аш мегӯяд:

*То гули сафедатро бичинад,*
*Духтари сафедандом*
*Дар гармои офтоб*
*месӯзад,*
*сиёҳ мешавад,*
*рухсораи нозукаш*
*пӯст мепартояд...*

Аммо дар шеъри «Шиор» хандаи духтарон дар пахтазор рамзи таровати зиндагист, идомаи зиндагӣ ва баргу бори зиндагист.

Байти саввум зеботарин байт аст:

*Модарон то ҳол мепоянд роҳи аскарон,*
*Охирин уммеди ин уммедворон зинда бод.*

Мазмуни барҷастаи иҷтимоии ин байтро худи шумо дарк мекунед. Бар назари ман таркиби **«Охирин уммеди ин уммедворон»** олиҷаноб аст.

Баъд, меояд:

*Ташнагӣ хуб аст, водорад, ки ҷӯӣ чашмае,*
*Ташнагиҳои дил аз дидори ёрон зинда бод!*

Ҳарчанд Лоиқ кӯшидааст маъниофарӣ кунад, аммо дар байти мазкур тозагие ба даст наовардааст. Ин маънӣ дар гузашта бисёр такрор ёфтааст дар ғазалу рубоиву дубайтиҳои худи Лоиқ низ борҳо вомехӯрад.

Дар байти баъдӣ шоир таркиби «бӯсаҳои аввалини дӯстдорон» сохтааст, ки бад нест. Ин ҷо ҳамин хурӯшу

ҷунуни шоиронаи Лоиқ таҷассум ёфтааст, ки дар фаслҳои гузашта ёдовар шудаем.

Байти шашум дар зебоӣ ва мӯҳтаво бо байти саввуми ғазал баробар аст:

*То сухан парвоз омӯзад зи мурғони ҳаво,*
*Лонаҳои мурғакон дар шохсорон зинда бод!*

Таркиби «лонаҳои мурғакон дар шохсорон» ифодагари бақо ва сафои зиндагист.

То зиндагӣ зебост, сухан ҳам парвоз дорад.

Ҳусни мақтаъ ин аст:

*Тирборон кардани мо кӯшиши беҳудааст,*
*Ҳар кӣ моро мекушад бо шеърборон, зинда бод!*

Лоиқ барои зебоии сухан дар вазни **«тирборон» «шеърборон»**-ро сохтааст ва маънии хуб ҳам офаридааст.

Дар вақташ пиромуни ин байт баҳсу талоше сар шуда буд. Ҳар кас кӯшиш дошт ба таври худ шеърборонро шарҳ диҳад.

Маълум аст, ки натиҷаи тирборон вайронӣ, харобӣ ва ҷонситонист. Вақте ки шоир «ҳар кӣ моро мекушад бо шеърборон, зинда бод!» мегӯяд, нағз медонад, ки мурод аз «шеърборон» муҳайё кардани фазои зебои фарҳангиву ахлоқист ва дар чунин бориш касе кушта нахоҳад шуд, ба ононе, ки «шеърборон» мекунанд, паёми «зинда бод» мефиристад.

Ва яке аз он мардони бошукӯҳе, ки моро бо «шеърб о-рон куштаниАнд», Лоиқи шоир ва суханвар аст. Мо ҳам ба ӯ паёми «Зинда бод!» мефиристем.

## 3. БАЧЧАГИАМ БЕКАСУ ТАНҲО ГУЗАШТ

Ин зеботарин шеъри Лоиқ дар васфи овони бачагӣ, хотираҳои хаёлангезу беолоиш ва пурмуҳаббати бачагист. Дар эҷодиёти шоир шеърҳое пайдо карда метавонем, ки баёнгари лаҳзаҳои ин марҳилаи нотакрори ҳаёти одамизоданд. «Ёде аз бачагӣ», «Боз мехоҳам, ки аз нав кӯдаки нодон шавам», «Барои Сорбон», «Бачагӣ» ва ғайраҳо шеърҳое ҳастанд, ки саршори ёдҳои рангини бачагианд. Дар маҷмӯаи нави Лоиқ «Фарёди бефарёдрас» ду шеъри зебое ҳаст, ки ман онҳоро дӯст медорам ва такроран мехонам: «Хумор» ва «Духтари ҳамсоя».

*Як рӯзи тирамоҳ*
*Як дил кашидам оҳ...*
*Ӯ кӯч басту рафт,*
*Моро шикасту рафт.*
*Ёде ба тирамоҳ*
*Аз ин баҳор монд,*
*Аз деҳ Хумор рафт,*
*Дар дил хумор монд...*

**«Хумор»**

* * *

*Як милааш аз девор*
*Ин сӯй ҳамоил буд,*
*Як милаи ӯ, гӯӣ,*
*Дар ошиқӣ моил буд.*
*Подоши сабуриҳош*
*Бурданд ба дуриҳош.*
*Он духтари ҳамсоя*
*Баргашта намеоя...*

**«Духтари ҳамсоя»**

Боре ба Лоиқ гуфтам, ки аз шеъри «Баччагиам бекасу танҳо гузашт» хушам меояд. Гуфт: «Як шеъри сабук аст». Оре, шеър бояд чун насими баҳор сабук, вале саршори рангу накҳату изтироб бошад.

Тавассути байти –

*Баччагиам бекасу танҳо гузашт,*
*Бо дарав, бо хӯшачиниҳо гузашт –*

мо аз даврони сахти бачагии шоир воқиф мешавем, баъд мисраи шоирона пеш меояд: «Доманаш аз хӯша пур, аз домани саҳро гузашт». Бачагӣ бебор нагузаштааст, доманаш пур аст ҳамчунин ибораҳои домани бачагиву домани саҳро бисёр зебо омадаанд.

Ин шеър ба мусаммат монанд аст ва мисраи саввуми ҳар банд байни худ қофия шудаанд ва паёми ду мисраи аввалро аксар вақт шоирона ҷамъбаст мекунанд:

*Дар сари санге ҳама рӯз интизор,*
*Мешумурдам турнаҳоро ҳар баҳор –*
***Баччагиам бо қатори турнаҳо якҷо гузашт.***

*Шаст меандохтам бар рӯди маст*
*То биафтад моҳии тилло ба даст,*
***Баччагиам бо умеди моҳии тилло гузашт.***

Дар банди дуввум истифодаи «моҳии тилло» аз афсонаи «Моҳигир ва моҳии тилло»-и А.С.Пушкин омадааст ва шояд на ба ҳама хонандаи мо фаҳмост. Аммо аз ҷониби Лоиқ хеле хуб корбаст шудааст.

Бояд гуфт, ки ибораи «моҳии тилло»-ро дар ягона ғазали Фурӯғи Фаррухзод низ вохӯрдаам. Донишмандон исбот кардаанд, ки дар таркиби хуни одамизод миқдори муайяни

тилло ҳаст. Шояд Фурӯғ онро дар назар дорад, шояд дар адаби форсӣ собиқае дошта бошад:

*Эй моҳии тилоии мурдоби хуни ман,*
*Хуш бод мастиат, ки маро нӯш мекунӣ.*

Таваҷҷӯҳ фармоед ба пораҳои навбатии шеъри Лоиқ:

*Ханда мекардам ба сӯи шаршара,*
*Ханда меомад зи ҳар санги дара –*
*Баччагиам ханда бар лаб, лаб-лаби дарё гузашт.*

*Номаҳо бинвишта будам беҳисоб,*
*Лек аз он сӯ намеомад ҷавоб,*
*Баччагӣ чун номае бар ёри бепарво гузашт.*

Хӯшачинӣ, турнашуморӣ, моҳигирӣ, хандазанӣ бо шаршараҳо, номанависӣ ба ёри бепарвои баччагӣ – ҳама лаҳзаҳои мушаххаси зебои айёми нотакрори умранд ва дар зимни баёни он офаридани мазмунҳои шоирона аз ҳунари волои Лоиқ аст: «Баччагиам ханда бар лаб, лаб-лаби дарё гузашт» (хандаи лабу лаб-лаби дарё олиҷаноб аст), «баччагӣ чун номае бар ёри бепарво гузашт».

Дар бандҳои дигар Лоиқ аз тасвири лаҳзаҳо даст мекашад ва ба васф мегузарад:

*Баччагӣ чун шохборон рехт, рехт,*
*Баччагӣ чун обшорон рехт, рехт,*
*Ё мисоли шохнам аз дашти бепаҳно гузашт.*

*Баччагӣ гӯё буду гӯё набуд,*
*Баччагӣ аз мо буду аз мо набуд,*
*Бехабар мондем, то дидем фарсахҳо гузашт.*

Ибораву таркибҳои тоза – «шохнаму дашти бепаҳно», «гӯё буду гӯё набуд», «аз мо буду аз мо набуд» ин ду банд-ро аз лиҳози мазмуну оҳангу тароват бо бандҳои мушахха-си болоӣ пайванди ҳунарӣ додаанд.

Банди охирин ҳам васфист:

*Баччагӣ – гулгуни зарринёли ман,*
*Баччагӣ – гулгуни зарринболи ман,*
*Ёлу болаш ғарқи гул аз роҳи умри мо гузашт.*

Баччагиро ба гулгун монанд кардан ва тасаввур кардан, ки ин аспи зебои қудсӣ бо ёлу боли ғарқи гул аз роҳи умри мо гузаштааст, бисёр шоирона ва хотирнишин аст.

Оё Лоиқ метавонист бандҳои охири шеърро низ чун бандҳои аввали шеър ба тасвири лаҳзаҳои мушаххаси бачагӣ бубахшад? Метавонист, аммо шеъраш якнавохту якнаво мешуд ва таъсири рӯҳонии худро бамаротиб аз даст медод.

Дар шеъри «Бачагӣ», ки шоир ба бародараш Шариф эҳдо кардааст, чунин мисраъҳо ҳаст:

*Дигар давлат намехоҳам аз ин дунёи пурсавдо,*
*Тамоми умр мехоҳам бад-ин сон зиндагӣ кардан,*
*Тамоми умр кӯдак будану тифлона хандидан,*
*Зи оғози баҳори зиндагӣ пайғом овардан...*

Кист, ки чунин орзу надошта бошад, бавижа шоир!

# БАҶОИ ОХИРСУХАН

*ЛОИҚ*

Ало, шеъри Аҷам, фардо маро ту зинда хоҳӣ дошт,
Ало, шӯри дили дарё, маро ту зинда хоҳӣ дошт.
Ба зери сангҳои собиту сайёри гардунҳо
Ало, Албурзи побарҷо, маро ту зинда хоҳӣ дошт.
Басо шеъри тари дунё бувад андар лаби дарё,
Ало, шеъри тари дарё, маро ту зинда хоҳӣ дошт.
Агар лак-лак дили покем, як-як дар дили хокем,
Ало, фарши зи арш авло, маро ту зинда хоҳӣ дошт.
Дилам рӯзе агар аз дарди шеъру ишқ мемирад,
Ало, ишқи ҷаҳоноро, маро ту зинда хоҳӣ дошт.
Сухан пайдову нопайдои ҳар халқи сухансоз аст,
Ало, пайдову нопайдо, маро ту зинда хоҳӣ дошт.
Ало, Девони Ҳофиз, ҳофизам бошӣ зи ҳар марге,
Ало, Девони Мавлоно, маро ту зинда хоҳӣ дошт.

* * *

Ман бо инғазали Лоиқ суха ни худро ба поён мерасонам. Умедворам, ки омӯзиши илмӣ ва пажӯҳиши паҳлӯҳои рангоранги офаридаҳои ин шоири барӯманд ва маъниофарин муҳаққиқони худро интизор аст. Худо нигаҳбони шумо ва шоири фарёдраси шумо бод!

*Декабри соли 1999*

# ВА ОХИРСУХАНИ ПУРҲИҶРОН

Ман ин рисоларо солҳо дар худ парвардаам ва дар чанд рӯзи зимистони соли гузашта бақалам овардаам. Баъд... борҳо аз Лоиқ ба исрор хоҳиш кардаам, то онро хонад. Ҳар дафъа бо баҳонаи «беназокатӣ меша...» худро канор мегирифт. Ахиран хонд ва чун бо ман рӯ ба рӯ шуд, табассуми малеҳе гирди лабонаш шукуфт ва бо ихтисори қисми аввали ҷумла гуфт: «...аммо самимист!»

Дарҳол гуфтам: «Агар самимист, пас, ҳақиқате ҳаст!»

Ва омодагӣ ба чопи рисола оғоз ёфт. Ба Лоиқ пешниҳод кардам, ки аз бойгониаш чанд аксҳо ҷудо кунад, то бо онҳо навиштаҳои худро оро диҳам. Гуфт: «Аксе дорам, бо модарам. Ҳатман медиҳам».

Баъди чанд муддат маро хабар кард, ки ба ако (бародари ман – Имомназарро, ки мутаасиби шеъри Лоиқ ҳастанд, ҳамеша ако мегуфт) гӯй, дар назди нашриёти «Адиб» ҷамъ меоем ва барои рисола аксе мебардорем.

Ва он акси охирин дар рисола ҳаст...

Ҳоло ки ин сартҳоро менависам, ибораву вожаҳои мотамгирифта баҳам намеоянд, чашмони ашколуди ман қодир нестанд ҷомаи сиёҳи калимаҳоро бишӯянд.

Панҷ рӯз аст, ки Лоиқи азиз бо мо нест ва **Сухан** ятим мондааст, панҷ рӯз аст, ки моҳи нави Душанбе бе Лоиқ мебарояд, панҷ рӯз аст, ки дарёи Варзоб – ин маъшуқаи ҳамешагии Лоиқ бе ӯ мешӯраду мемӯяд.

Дирӯз дӯсте мегуфт: «Тоҷикистонро қашшоқ мегуфтанд. Тоҷикистон акнун қашшоқ шуд. Агар гандум нест, аз ҳамсоя қарз мекунем. Лоиқро аз куҷо метавон ба амонат гирифт?!»

Сад дареғ, эй устод! Дар тамомии сафаҳоти рисола боре Шуморо устод нагуфтаам, зеро ҳамеша бо мо будед, ҳамнафасу ҳамқадаму ҳамқадаҳи мо будед. Ва аз устод гуфтан аз худи Шумо истиҳола мекардам.

Ҳамеша дар сарам мисраъи Ибни Ямин давр мезанад, ки дар ситоиши Ҳаким Фирдавсӣ гуфтааст: «ӯ суханро боз боло бурду бар курсӣ нишонд». Ва чунин хидмати шоистаро Шумо дар адабиёти муосири тоҷик кардаед.

Дирӯз нашири Шумо Наҷмиддини Салоҳиддин бо ғаму ҳасрат гуфт: «Доғе дар дилам мондааст. Натавонистам рисолаи «Лоиқе чун лоиқе»-ро сари вақт ба табъ расонам. Устод ҳамеша дар ғами сифати чопи он буданд».

Аҷал Шуморо аз миёни мо **ба ғафлат** бурд. Аммо чӣ иштибоҳе кард! Барои Шумо дигар фурсати мурдан нест. Худи Шумо фармудаед:

*Гар баъди ҳазор сол ёдам бикунед,*
*Аз баъди ҳазор сол меоям ман.*

Манзили охирататон обод ва ҷоятон ҷаннат бод!

*ГУЛНАЗАР*

*4 июли соли 2000*

# МУНДАРИҶА

Ба ҷои сарсухан........................................................5
Лоиқ ва шеъри нав...................................................10
Лоиқ ва ишқ ...........................................................17
Лоиқ ва ғазал..........................................................32
Лоиқ ва рубоиву дубайтӣ........................................47
Лоиқ ва ҷасорати адабӣ ..........................................61
Лоиқ ва суруд.........................................................76
Лоиқ ва тарҷима .....................................................82
Дар бораи се шеъри Лоиқ........................................88
Ба ҷои охирсухан ..................................................100
Ва охирсухани пурҳиҷрон......................................101

**Гулназар**

**ЛОИҚЕ ЧУН ЛОИҚЕ**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 30.05.2013 супорида шуд.
Чопаш 31.05.2013 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 6,5.
Андозаи 60х84 1/16. Адади нашр 2000 нусха.
Супориши 11а.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а.

Дар матбаи ҶДММ «Комрон+П» чоп шудааст.
Суроға: ш.Душанбе, кӯчаи Қаҳҳоров, 111 а.